Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №130 (2957) | ЧОРШАНБЕ, 17 ОКТЯБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## САФАРИ КОРӢ БА ҶУМҲУРИИ ОЗАРБОЙҶОН

**14 октябри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар мулоқоти сарони давлатҳои узви Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ ба Ҷумҳурии Озарбойҷон сафар кард.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии пойтахт Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Оқил Оқилов, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Худоёров ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати хориҷӣ Эркин Раҳматуллоев, вазири рушди иқтисод ва савдо Шариф Раҳимзода, вазири энергетика ва саноат Гул Шералӣ, вазири нақлиёт Низом Ҳакимов, муовини вазири корҳои хориҷӣ Низомиддин Зоҳидов ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ мекунанд.

*www.prezident.tj*

## БОЗДИД АЗ ШАҲРИ ГАБАЛАИ ОЗАРБОЙҶОН



**14 октябри соли 2012 боздиди кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Ҷумҳурии Озарбойҷон аз шаҳри Габала оғоз ёфт.**

Дар шаҳри Габалаи Озарбойҷон Сарвари давлати Тоҷикистон нахуст аз Маҷмааи саноатии корхонаҳои коркарди меваю сабзавоти «Jale» ва осорхонаи Ҳайдар Алиев дидан кард.

Дар Маҷмааи саноатии «Jale» Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо истифодаи технологияи навтарини коркарди меваю сабзавот ва таҷрибаи соҳибкорони пешқадами хусусӣ аз наздик шинос шуда, доир ба роҳҳои ташкил ва густариши ҳамкорӣ дар ин ва дигар самтҳои фоидабахш гуфтугӯйи судманд анҷом дод.

Тавре зикр гардид, ин маҷмаа бо харҷи 50 миллион евро бунёд ёфтааст ва дар он беш аз се ҳазор нафар бо кор таъмин шудаанд. Дар ин ҷо асосан афшураи табиии меваю сабзавот омода ва бастабандӣ мешавад.

Дар коргоҳи дигари ин маҷмаа ба меҳмони олимақом ва ҳайати ҳамроҳи ӯ технологияи навтарини нигаҳдории меваю сабзавот дар сардхонаҳо намоиш дода шуд. Чунонки зикр гардид, дар ин ҷо навъҳои гуногуни мева дар ҳарорати аз 0 то +5 дараҷа ба муҳлати то як сол беосеб нигоҳ дошта мешавад.

Дар Маркази «Ҳайдар Алиев» бошад, Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз намоишгоҳи аксҳои собиқ Президенти Озарбойҷон, пешвои умумимиллии ин кишвар Ҳайдар Алиев дидан кард.

Дар ин ҷо аксҳои ин шахсияти маъруфи таърихӣ аз овони кӯдакӣ то мактабхонию донишҷӯйӣ ва фаъолияти ӯ дар идораҳои гуногуни собиқ давлати Шӯравӣ ва роҳбариаш дар Озарбойҷони соҳибистиқлол ба намоиш гузошта шудааст. Тавре зикр гардид, мардуми Озарбойҷон ба хизматҳои шоёни Ҳайдар Алиев ҳам дар солҳои ҳокимияти Шӯравӣ, ҳам дар солҳои вазнини пеш аз истиқлолият ба даст овардани ин ҷумҳурӣ ва ҳам дар давррони рушди мустақили давлат арҷгузорӣ карда, аз ӯ ба унвони наҷотбахши миллати Озарбойҷон ёдовар мешаванд.

*www.prezident.tj*

## ШИНОСОЙӢ БО РАФТИ СОХТМОНИ БИНОҲОИ НАВБУНЁД

**12 октябри соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо рафти сохтмон ва ороишу таҷҳизи Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллии Тоҷикистон»-и назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази фарҳангию фароғатии «Сомониён» шинос шуд.**



Субҳи барвақт Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон нахуст ба бинои навбунёди Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллии Тоҷикистон», ки дар як паҳлуи иншооти маъмурию фарҳангии маркази шаҳри Душанбе қомат афрохта, ба ин мавзеъ ҳусни тоза зам намудааст, ташриф овард. Зимни шиносоӣ бо рафти таҷҳиз ва ороиши берунию дохилии ин бинои боҳашамат, ки аз толору утоқҳои сершумори махсус барои нигоҳдории ёдгориҳои нодири таърихию фарҳангӣ муҷаҳҳазгардида иборат мебошанд, ба масъулини соҳа доир ба мутобиқ намудани онҳо бо талаботи техникию технологӣ ва ҷобаҷогузории дурусти маводи намоишӣ дастуру ҳидоятҳо дод. Таъкид гардид, ки барои ин кори муҳим беҳтарин олимону мутахассисон ва омӯзгорону донишҷӯёни таъриху фарҳангшинос сафарбар карда шаванд. Тавре иттилоъ дода шуд, осорхона аз толорҳои давраҳои гуногуни таърихи гузаштаю муосири миллати тоҷик ва ёдгориҳои нодири фарҳангӣ иборат буда, ҳама бо шабакаҳои гармидиҳию сардсозӣ, оташнишонӣ, муҳофизатӣ ва ғайра муҷаҳҳаз мебошанд.

Барои ба таври шоиста ба поён расондани тамоми корҳои таҷҳизу ороиш, ҷобаҷогузории дурусти осори намоишӣ ва ба кор ҷалб намудани беҳтарин мутахассисони соҳа ба масъулин то 1 марти соли 2013 муҳлат дода шуд.

Аз ин ҷо Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Маркази фарҳангию фароғатии «Сомониён», ки дар паҳлуи меҳмонхонаи панҷситорадори «Ҳаёт» ва Кӯли ҷавонон дар ҳоли сохтмону таҷҳиз қарор дорад, ташриф оварда, бо рафти корҳо аз наздик шинос шуд.

Тавре иттилоъ дода шуд, бинои асосии марказ аз ду ошёнаи зеризаминӣ ва се ошёна дар рӯйи замин иборат буда, баландии гумбази марказии он ба 38 метр мерасад.

Маркази мазкур аз 12 толори хурду бузург иборат буда, дар як вақт метавонад ба ду ҳазор нафар мизоҷон хизмат расонад.

Зимни шиносоӣ бо рафти сохтмону таҷҳиз ва оройиши толорҳо иттилоъ дода шуд, ки онҳо бо санъати бостонии кандакорӣ ва нақшу нигори дилкаш дар рӯйи ҷӯб, санг, гаҷ ва бо усули ойинабандӣ оро дода мешаванд. Аҳли илму фарҳанг, аз ҷумла таърихнигорону фарҳангшиносон, адибони маъруфи кишвар, ки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро ҳамроҳӣ мекарданд, аз шукуҳу азамат ва зебоии беҳамтои ин толорҳои нимтайёр ба ваҷд омада, изҳор доштанд, ки ин мавзеъ аз беҳтарин марказҳои таърихию фарҳангӣ ва фароғатӣ дар минтақа хоҳад буд.

*www.prezident.tj*

## ҲИСОБОТ БА ВОСИТАИ ТЕЛЕФОН

**13 октябри соли 2012 ба Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон раисони ноҳияҳои Рашт, Тоҷикобод, Ҷиргатол, Тавилдара, Нуробод ва Файзобод доир ба рафти омодагӣ ба зимистон телефонӣ ҳисобот доданд.**

Таваҷҷуҳи асосӣ ба рафти ҷамъоварии ҳосили картошка ва мевагиҳо зоҳир карда шуд. Таъкид гардид, ки барои ҷамъоварии пурра ва захира кардани ҳосили фаровони заҳмати боғдорону картошкапарварон чораҳои саривақтӣ амалӣ карда шаванд.

Раисони ноҳияҳои Тавилдара, Рашт ва Нуробод ҳамчунин вазифадор гардиданд, ки доир ба барқарорсозии саривақтии оқибатҳои заминларзаи шадид, ки дар ин ноҳияҳо 13-уми майи соли равон рух дода, ба хонаҳои аҳолии чанде аз деҳоти дурдаст хисороти зиёд ворид карда буд, дар ҳамкорӣ бо мақомоти масъули ҷумҳуриявӣ чораҳои зарурӣ амалӣ намоянд. Таъкид гардид, ки аҳолии бар асари ин заминларза бехонамонда бояд то оғози мавсими сардӣ бо сарпаноҳ таъмин карда шаванд.

Ба раиси ноҳияи Файзобод иловатан доир ба рушди соҳаи паррандапарварӣ ва таъмини бозори дохилӣ бо тухм ва гӯшти парранда дастуру ҳидоятҳо дода шуд.

Раисони ноҳияҳои номбурда ҳамчунин вазифадор шуданд, ки рафти иҷрои супоришҳои Сарвари давлатро, ки зимни сафарҳои корӣ ба ин ноҳияҳо дода шудаанд, таҳти назорати бевосита қарор дода, пайваста чораҳои муассир амалӣ намоянд.

*www.prezident.tj*



## Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**15 октябри соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Пас аз қабули Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи рӯзнома, муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният С. Холов масъалаи нахустини рӯзнома - «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» - ро ба муҳокимаи аъзои Шӯро пешниҳод намуда, тавзеҳ дод.

Мутобиқи муқаррароти қарорҳои қабулкардаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи номбурда, инчунин масъалаи навбатии рӯзнома - «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон интихоб намудани Исматуллоев Д. А.» низ ҷиҳати баррасӣ ба ҷаласаи Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод гардиданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои зерини рӯзнома - «Оид ба лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзию маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдо ва хизматрасонии маишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии тиббии равонӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи варзиши кӯдакон ва наврасон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таври алоҳида қарорҳо қабул карда, масъалаҳои номбурда барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

Доир ба масъалаи охирини рӯзнома - «Дар бораи гузориши муовини якуми Роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҷамъбасти вохӯриҳои вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо интихобкунандагон аз 10 то 20 сентябри соли 2012» қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.

*Ҷумъахон НАБОТОВ,*
*«Садои мардум».*
*Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ*

● **Равобити байнипарламентӣ**

**Рӯзҳои 6-7 октябри соли 2012 дар шаҳри Кишинёви Ҷумҳурии Молдова ҷаласаи навбатии Комиссияи доимии Ассамблеяи байнипарламентии(АБП) давлатҳои аъзои ИДМ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ доир гардид. Дар кори он аъзои Комиссия аз ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Белорус, Қирғизистон, Молдова, Тоҷикистон ва Федератсия Россия, инчунин гурӯҳи калони коршиносон иштирок доштанд. Зимни баррасии масъалаи ташкилӣ раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Маҳмадалӣ Ватанов аз нав раиси Комиссияи зикршуда интихоб гардид. Баъди бозгашт аз шаҳри Санкт-Петербург бо хоҳиши хабарнигорамон М.Ватанов натиҷаҳои кори ҷаласаи Комиссияро мухтасар чунин баён кард:**

## Маҳмадалӣ Ватанов боз раиси Комиссия интихоб шуд

-Дар ҷаласаи аввалини Комиссия Раиси Парламенти Ҷумҳурии Молдова М.И. Лупу ва раиси гурӯҳи вакилони Парламенти Ҷумҳурии Молдова дар АБП давлатҳои аъзои ИДМ К. П. Лучинский бо сухани ифтитоҳӣ баромад карданд. Баъди баррасии масъалаи ташкилӣ, ки маро аз нав раиси Комиссия интихоб карданд, баррасии лоиҳаи қонуни моделӣ «Дар бораи медиатсия» шурӯъ гардид.

Муҳокимаи масъалаи мазкур дар шакли мубоҳисаҳо сурат гирифта, дар ҷараёни он аъзои Комиссия, инчунин коршиносони бахши иттифоқҳои касабаи Россия, Суди иқтисодии ИДМ фаъолона иштирок намуданд. Қарор дода шуд, ки аз ҷониби муаллифони лоиҳаи қонун кор идома ва он такмил дода шавад. Шояд хонандаи азиз суол кунад, ки медиатсия чӣ маънӣ дорад?

Аслан мавзӯи медиатсия дар қонунгузорӣ чизи нав нест. Онро ҳамчун тартиби ғайрисудии ҳалли баҳсҳо низ ном мебаранд. Мақсади асосии он бе дахолати суд, бо роҳҳои осоишта ҳал намудани баҳсҳо мебошад. Ин, аз як тараф, агар кори судҳоро сабук кунад, аз тарафи дигар, ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки вақту маблағҳои худро сарфа намуда, натиҷаи ниҳоиро ба даст оранд. Дар ин маврид вазифаи судяро медиатор иҷро мекунад ва мақсади асосии он бо роҳи созиш ҳал намудани баҳсҳо мебошад. Зарурати қабули чунин қонуни моделӣ дар он аст, ки имрӯз дар бештари давлатҳои аъзои ИДМ чунин қонунҳо ҳастанд, вале дар ҳар давлат он ба шакли худ амал мекунад. Агар мутобиқи ин қонун дар як давлат (масалан, Белорус) танҳо баҳсҳои иқтисодӣ баррасӣ карда шаванд, дар дигар давлат он доираи муайяни парвандаҳои шаҳрвандиро дар бар мегирад. Дар Молдова бошад, мутобиқи қонуни шабеҳ на танҳо парвандаҳои шаҳрвандию хоҷагӣ, балки парвандаҳои маъмурию ҷиноӣ низ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Сипас, дар атрофи лоиҳаи қонуни моделӣ «Дар бораи номи фирмавӣ» низ муҳокимаронйҳо сурат гирифта, он барои баррасӣ ба Шӯрои АБП давлатҳои аъзои ИДМ пешниҳод шуд.

Рафти кор оид ба омода сохтани тафсири қонуни моделӣ «Дар бораи сирри тиҷоратӣ», ки аз тарафи Академияи миллии ҳуқуқии Украина ба иҷро расонида мешавад, аз тарафи аъзои Комиссия қаноатбахш дониста, оид ба идома додани кор дар ин самт қарор карда шуд.

Бо дарназардошти он ки аз ҷониби Комиссия қонунҳои моделии зиёд баррасӣ ва қабул мегарданд, масъалаи дар назди Комиссия ташкил намудани Шӯрои экспертӣ мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар баробари боз чанд масъалаи дигар Комиссия инчунин бо пешниҳоди Котиботи АБП давлатҳои аъзои ИДМ лоиҳаи тағйиротҳоро ба Низомнома дар бораи ордени «Содружество» баррасӣ намуда, дар ин хусус қарори дахлдор қабул кард. Ҳамчунин лоиҳаи Низомнома дар хусуси таъсис намудани медали нави АБП давлатҳои аъзои ИДМ «За укрепление Парламентского сотрудничества» муҳокима гардида, маъқул дониста шуд ва барои баррасӣ ба Шӯрои АБП пешниҳод гардид.

*Б. КАРИМОВ,*
*«Садои мардум»*

## Ширкат дар Конгресси байналмилалӣ

Чанде пеш дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия бо ташаббуси Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия, Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии ИДМ ва Сарраёсати таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳои ВКД ФР таҳти унвони «Бехатарӣ дар роҳҳо барои бехатарии ҳаёт» Конгресси чоруми байналмилалӣ баргузор гардид. Бо даъвати Раиси Шӯрои Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии ИДМ В.И.Матвиенко узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, декани факултети соҳибкории муҳандисӣ ва менеҷменти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ, номзади илми иқтисод, дотсент Заррина Раҷабова низ дар ин Конгресс ширкат варзид. Бино ба иттилои мавсуф, дар ин чорабинии бонуфуз аз 25 давлати ҷаҳон намояндагон иштирок доштанд. Аз рӯйи барномаи Конгресс дар атрофи масъалаи зикршуда оид ба мавзуъҳои «Вазифаҳои стратегӣ ва технологияҳои инноватсионӣ дар таъмини бехатарии роҳ ва ташкили ҳаракати роҳ», «Бехатарии кӯдакон дар роҳҳо: аз пешгирӣ то мададрасонӣ ба осебдидагон», «Ҷанбаҳои иқтисодии бехатарии ҳаракат дар роҳ», «Воситаҳои ахбори омма дар тарғиботи бехатарии ҳаракати роҳ» ва ғайра суҳбату мулоқотҳо, аксияҳо, мизҳои мудаввар баргузор шуданд.

Узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон З. Раҷабова дар яке аз ин маҳфилҳо оид ба мавзӯи «Такмили қонунгузорӣ ва ҳамоҳангсозии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба таъмини ҳаракат дар роҳҳо» суханронӣ кард.

*Б. КАРИМЗОДА,*
*«Садои мардум»*

● Ба истиқболи 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ИҶЛОСИЯИ XVI – ТАҲКИМБАХШИ БАҚОИ МИЛЛАТ



Аз таърих маълум аст, ки миллати тоҷик ҳеҷ гоҳ ба сари ғаддортарин душманаш ҳам теғ накашидааст, аммо бо ҳукми тақдир ва ё нотавонбинии душманони беруна ба сари миллати мо фоҷиаҳои хунин омад. Чунин бедодгарӣ дар аввали солҳои навадуми қарни гузашта ҳамчун фоҷиаи хунин як қисми Тоҷикистони азизамонро фаро гирифт. Ин дар ҳоле буд, ки сохтори давлати абарқудрати Шӯравӣ пош хӯрд ва вобаста ба ин сутунҳои ҳокимият дар ҷумҳурӣ фалаҷ гардид. Аз ин рӯ, вазъи носолим ва низои дохилӣ ба миён омада, ба хоҷагии халқ низ хисороти вазнине ворид сохт. Ҳазорон нафар ҳамватанони мо аз манзили иқомати хеш бенасибу маҳрум ва қисмати дигар қурбони ин фоҷиаи миллӣ гардиданд. Сарфи назар аз ҳамаи ин, миллати тоҷик баояндаи нек боварӣ дошт ва ҳамин буд, ки субҳи умеду шодмониро дарёфт.

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 ноябр то 2-юми декабри соли 1992 дар Қасри Арбоби хоҷагии ба номи Саидхӯҷа Ӯрунхоҷаеви Хуҷанди бостонӣ баргузор гардид.

Албатта, мақсаду мароми Иҷлосия сулҳу оштӣ буд ва он зина ба зина ба ҳадафи хеш расид. Агар таври мухтасар гӯем, Иҷлосия ба ташкили Давлату Ҳукумати нави Тоҷикистон заминаи воқеӣ гузошт. Мардуми тоҷик бо далелҳои раднопазир исбот намуд, ки ин миллати қадим дорои хиради солим ва азалист. Вагарна душманони халқ метавонистанд миллати моро батамом аз байн бубаранд. Тоҷикони муқими Тоҷикистон тавонистанд бо хиради азалии худ якдигарро бубахшанду ба гузашта салавот гӯянд. Дарк гардид, ки сулҳ беҳ аз ҷанг аст. Мавлавӣ ҳам беҳуда нагуфтааст, ки;

*Чу аз оштӣ шодӣ ояд ба ҷанг,*
*Хирадманд ҳаргиз накӯшад ба ҷанг.*

Заминаи пешрафти рушди кишвари мо дар рӯзҳои баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуд, чунки он дар рӯҳияи якдигарфаҳмиву рафоқат гузашт. Тавре иштирокчиёни ин ҷаласа мегӯянд, мо худ шоҳид будем, ки депутатҳои ҳамаи минтақаҳо ҷӯяндаи сулҳ буданд, ҳар гуна ихтилофро маҳкум мекарданд. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сарнавишти минбаъдаи давлату миллати тоҷик вазифаи таърихиро анҷом дод. Тоҷикистони азизро аз парокандашавӣ эмин дошт, пояҳои фалаҷшудаи давлатро барқарор намуд. Ба мансаби олии Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Эмомалӣ Раҳмон боз як хизмати беназири ин Иҷлосияи тақдирсоз буд.

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи миллати тоҷик саҳифаи нав боз намуд. Маҳз ҳамин Иҷлосияи таърихӣ бақои миллатро таъмин намуда, дастгоҳи нави давлатиро, ки омили пешрафту тараққиёти ҷомеа мебошад, рӯйи кор овард. Дар Иҷлосия ба Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколати Сардори давлат дода шуд. Ба уҳдаи Сардори давлат таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардид. Давлати навтаъсисе, ки ба миён омад, фаъолияти худро аз оштии миллӣ, халъи силоҳ, авф, баргардонидани гурезаҳо, таъмини ҳуқуқи инсон ибтидо бахшид. Сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат низоми ҷомеаро ба вуҷуд оварда, мардумро баояндаи дурахшон бовар кунонд.

Бояд гуфт, ки масъалаи гурезаҳо басо ҷиддӣ буд ва Сардори давлат борҳо таъкид намуда буд, ки то гурезаи охиринро ба Ватан барнагардонад хотираш ҷамъ намешавад ва ин корро вазифаи ҷонӣ ва аввалиндараҷаи хеш медонад. Ин марди қавлу амал ба ваъдааш вафо намуд ва бештар аз як миллион гурезаи иҷборӣ ба хоки аҷдодии хеш баргардонда шуданд.

Моҳи марти соли 1994 бандаро ба вазифаи мудири шуъбаи меҳнат ва масъалаҳои иҷтимоии Комиҷроияи вилояти Хатлон таъин намуданд. Он замон даргириҳо ҳанӯз ба итмом нарасида буд ва мардуми вилоят, хусусан қисмати зиёди аҳолии шаҳри Қӯрғонтеппа, ба Афғонистон ва дигар давлатҳои собиқи Шӯравӣ гуреза шуда буданд. Дастури Сарвари давлат ва роҳбарони вилоят чунин буд, ки ин гурезаҳо ҳар чӣ зудтар ба Ватан баргардонида шаванд. Шуъбаи мо, ки вазифааш ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ буд, ин масъалаи муҳимро ба уҳда гирифт. Дар ҳудуди вилоят бар асари бесомониҳо бештар аз 600 ҳазор нафар аҳолӣ муҳоҷират кард. Аз ҷумлаи ин муҳоҷирон 35 ҳазор нафарашон ба Афғонистон фирорӣ шуда буданд. Бештар аз 25 ҳазор хонаҳои сокинони вилоят вайрону валангор ва ё сӯхтаю тамоман нобуд гардида буд. Ҳазорҳо хонаҳои дигар бесоҳиб монда, молу амволашон ба яғмо рафт. Дар қисмати зиёди ин хонаҳо одамони бегона, ки ҷойи зист надоштанд ё манзилҳояшон нобуд шуда буд, омада ҷой гирифтанд. Вақте ки мо сокинони вилоятро ба ҷойҳои муқимиашон овардем, масъалаи ҷо ба ҷо кардани онҳо хеле мураккаб гардид.

Акнун лозим меомад, ки ба гурезаҳо хонаҳои қонуниашонро баргардонем. Албатта, ин кори осон набуд, вале мо ин масъаларо бо душворӣ ҳам бошад, ҳал кардем. Ҳамин тариқ, ба 9439 сокини шаҳру ноҳияҳо манзилҳои аслиашонро баргардонидем. Хонаҳои сӯхтаю нобудшударо аз нав барқарор карда, ба соҳибонашон додем ва дар як вақт ба 228,5 ҳазор нафар муҳоҷири ба ватаномада ҷойи кор ва машғулияти доимӣ пайдо намудем. Аз сӯйи дигар, ҳамарӯза ба назди ин мардум рафта, корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузарондем.

Фикр мекунам, ки ҳамаи ин комёбиҳои мо дар партави Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омада буданд ва маҳз таъкиди Сардори давлатамон дар бораи баргардондани гурезаҳо сабаб шуду моҳияти масъала аз ҳар ду ҷониб дарк гардид. Маҳз ҳамин Иҷлосия чун субҳи сафо бар шоми миллат ғолиб омада, ба хушбахтии мардум заминаи мусоид фароҳам овард, бори дигар сокинони минтақаҳои гуногуни кишварро ба дурандешиву бунёдкорӣ ҳидоят намуд. Ба арсаи сиёсат ворид гардидани Эмомалӣ Раҳмон ва дар ҷаласаҳои СММ аз ҷониби ӯ муаррифӣ шудани Тоҷикистон Истиқлолияти сиёсии моро таҳким бахшид. Давлати тоҷикон дар симои сарвараш ҳомии сулҳро пайдо намуд.

Имрӯз акнун вазифаи ҳар фарди ҷомеа аз он иборат аст, ки баҳри оромии кулл ва ҳифзи сарватҳои кишвари азизамон – Тоҷикистон саҳми шоиста гузорад. Шодию нишот, бахти баланди одамон тавассути дӯстию рафоқат пайдо мегардад ва баръакс, душманӣ ба рӯзи сахту гарони мардум боис мегардад.

Аз Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз бист сол сипарӣ мегардад. Тӯли ин солҳо ба ҷаҳониён собит сохтем, ки мо давлати соҳибихтиёру ҳуқуқбунёд, дунявию демократием, ки ба эъмори суннатҳои аҷдодиамон камар бастаем. Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистонро қариб дусад давлати дунё шинохтаву ҳамкориҳои ҳамаҷонибаашонро роҳандозӣ кардаанд. Иншоотҳои бузурги аср, корхонаҳои хурду миёна, манзилҳои истиқоматию неругоҳҳои барқи обӣ, мактабу дармонгоҳҳо, нақбу роҳҳои ҷавобгӯйи дараҷаи байналмилалӣ - ҳама аз файзи Истиқлолият аст. Мо бояд ин ҳама дастовардҳоро ҳифз намуда, барои ободу зебо нигоҳ доштани кишвари азизамон тамоми маҳорату кордонӣ ва ғайрату матонатамонро дареғ надорем.

***Ислом НАМОЗОВ,***
***Корманди шоистаи Тоҷикистон***

# ДЕҲОТИ КӮҲИСТОН ОБОД МЕГАРДАД



Дар ҳудуди деҳоти Аскалони ноҳияи Рашт 66 хоҷагии деҳқонӣ ва ҳашт хоҷагии ҷамоавӣ фаъолият дошта, замини корами онҳо 475 гектарро ташкил медиҳад, ки дар он ғалла, картошка ва дигар намуди маҳсулоти кишоварзӣ кишт мешавад.

Ҳосили имсол парваришкардаи картошкапарварон нисбат ба солҳои пеш беҳтар аст. Мақсад доранд ҳосилнокиро аз ҳар гектар ба 330 сентнерӣ расонанд. Аз кишти ғалла низ ҳосили дилхоҳ рӯёнида шуд. Баъди барқарор намудани боғҳои кӯҳна деҳқонон самараи бештар ба даст оварда истодаанд.

Ба масъалаи ободонӣ низ аҳамияти калон дода мешавад. Тавре аз суҳбат бо раиси Ҷамоати деҳоти Аскалон Ихтиёрхуҷа Орзуев маълум гардид, тариқи ҳашар роҳҳои байни деҳаҳо ба масофаи 23 километр сангфарш шуд. Ба истифода додани 12 километр канал обёрии 170 гектарро имконпазир гардонид. Бо ин восита боғҳои нав бунёд ёфта, майдони кишти зироат васеъ мешавад. Ҳамзамон ҷойҳои нави корӣ ташкил меёбад, ки дар шароити кӯҳистон хеле муҳим аст.

Вазъи таълиму тарбия рӯ ба беҳбудӣ дорад. Сохтмони мактабҳои нав, синфхонаҳои иловагӣ шароит фароҳам меорад, ки сифати таълиму тарбия беҳтар ба роҳ монда шавад. Ҳоло дар ҳудуди деҳот нуҳ мактаб мавҷуд буда, бештар аз 800 нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Дар деҳот нуқтаҳои тиббӣ, фарҳангӣ, хизматрасонӣ фаъолият карда, мардум аз он истифода мебаранд.

Татбиқи Барномаи давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2012-2016 имкони бештар медиҳад, ки манотиқи кӯҳистон боз ҳам обод гардида, сатҳи зиндагии мардум беҳтар шавад.

**ДАР СУРАТ: раиси Ҷамоати деҳоти Аскалон Ихтиёрхуҷа Орзуев (аз рост якум) бо як гурӯҳ роҳбарони хоҷагии деҳқонӣ суҳбат дорад.**

***М.РИЗВОНОВ***

# «Боварӣ ва Ҳамкорӣ»- саҳмгузор дар рушди кишвар

## Фаъолияти ин ташкилоти амонатӣ-қарзии хурд рӯз то рӯз густариш меёбад

Зимни ирсоли Паёми худ ба мақоми олии қонунгузори мамлакат- Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 апрели соли равон Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин зикр намуд: «Аз соли 2005 инҷониб барои дастгирии рушди минтақаҳои кӯҳистон барномаи махсуси қарздиҳии хурд ба соҳибкории хурду миёна оғоз гардида, танҳо дар маҳалҳои кӯҳистон маблағи умумии он дар ин давра зиёда аз 2,3 миллиард сомониро ташкил додааст. Ҳамин тавр, дар тӯли даҳ соли охир қарздиҳии хурд дар мамлакат беш аз 100 баробар афзудааст»

ҶСП Ташкилоти амонатӣ-қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» ягона институти миллии апексӣ дар ҷумҳурӣ маҳсуб ёфта, аз баракати фаъолияти самараноки он дастрасии аҳолии мамлакат ба қарзҳои хурд бемайлон рушд меёбад.

Ҷоиз ба зикр аст, ки ташкилоти фавқуззикр бевосита ба мизоҷон қарз намедиҳад, зеро тибқи тартиби муайяншуда, он маблағҳои қарзиро ба ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки асосан дар манотиқи дурдасти кӯҳистони ҷумҳурӣ фаъолият доранд, медиҳад ва онҳо дар навбати худ ин қарзҳоро ба мизоҷон пешниҳод менамоянд.Чунин тарзи кор якчанд бартарӣ дорад. Аввалан, омили мазкур ба муназзамиву самаранокии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар минтақаҳои дурдаст мусоидат менамояд.

Сониян,чунин тарзи кор дастрасии шаҳрвандони мамлакатро дар ин минтақаҳо ба захираҳои қарзӣ таъмин месозад. Шоистаи зикр аст, ки аз оғози фаъолият инҷониб ҶСП Ташкилоти амонатӣ-қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» ба16 чунин ташкилот 84 қарз пешниҳод намудааст. Ба ғайр аз ин, ташкилоти зикршуда ба 13 ташкилоти маблағгузории хурд барои гирифтани қарз аз дигар муассисаҳои молиявии байналмилаливу ватанӣ мусоидат намудааст. Бемуболиға метавон гуфт, ки маҳз ба шарофати роҳандозӣ намудани чунин ҳамкориҳои барои тарафайн судманд фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ба марҳилаи нав ворид гаштааст.

Ин нукта зимни мулоқоти масъулини ташкилотҳои маблағгузории хурде, ки бо истифода аз қарзҳои пешниҳоднамудаи Ташкилоти амонатӣ-қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» фаъолияти хешро вусъат бахшидаанд, бори дигар зикр шуд. Давоми се соли охир мизоҷони ин ташкилот соле як маротиба сарҷамъ шуда, мушкилоти ҷойдоштаро баррасӣ ва дурнамои фаъолиятро муайян мекунанд. Дар заминаи мулоқотҳои мазкур пешниҳоду дархостҳои иброзгашта баъд аз омӯзиши амиқ ба инобат гирифта, ба раванди фаъолият навгониҳо ворид карда мешавад. Зимни воҳӯрии имсола дархостҳои масъулини ташкилотҳои маблағгузории хурд асосан ба роҳандозӣ намудани пешниҳоди қарзҳои нисбатан дарозмуҳлат, пешниҳоди захираҳои қарзӣ бо асъори миллӣ, коҳиш додани фоизи қарзҳо, татбиқи лоиҳаҳои нав вобаста ба расонидани кӯмаки техникӣ ба ташкилотҳои маблағгузории хурд ва масоили дигар рабт дошт. Ҳамчунин дар чорабинии мазкур масъалаи гузариш ба шакли нави таҳлили фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки аз Стандартҳои нави байналмилалии муҳосибавии SEEP-CGAP маншаъ гирифтаву шурӯъ аз моҳи сентябри соли ҷорӣ мавриди амал аст, баррасӣ гардид. Дар ҳамин радиф, баҳри истифодаи самараноки ин навгонӣ ба ҳозирин усулҳои нави хизматрасонӣ пешниҳод ва шарҳ дода шуд. Доираи фарогирии ин ташкилот хеле густурда буда, он қариб тамоми манотиқи мамлакатро бо хизматрасонии қарзӣ дар бар гирифтааст.

Бино ба гуфти директори иҷроияи ташкилоти номбурда Нуринисо Рустамова, айни замон аз қарзҳои тавассути ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳоднамудаи Ташкилоти амонатӣ-қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» дар 53 шаҳру ноҳияи мамлакат шаҳрвандон бархӯрдоранд.Агар ҳаҷми умумии қарзҳои додашударо гуруҳбандӣ намоем, пас маълум мегардад, ки 36 фоизи онҳо ба соҳаи кишоварзӣ, 35 фоизаш барои дастгирии соҳибкории хурду миёна ва қисмати боқимонда ба бахшҳои истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва ғайра пешниҳод шудаанд.

Рӯйдоди муҳиму фараҳбахши фаъолияти ташкилот, афзудани сармояи он маҳсуб меёбад. Омили мазкур дар заминаи дастгириҳои сафорати Британияи Кабир дар ҷумҳурӣ ва Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид имконпазир гашта, айни замон зиёда аз як миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Афзудани сармояи оинномавии ташкилот баҳри ривоҷи фаъолияти он такони ҷиддӣ бахшида, замина фароҳам овардааст, ки ҳаҷми қарзҳои ба ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳодшаванда низ зиёд гардад. Аз ин пас муассисаи молиявии фавқуззикр метавонад ба як ташкилоти маблағгузории хурд то 1 миллиону 230 ҳазор сомонӣ қарз диҳад. Роҳбарияти ташкилот аз он ифтихор доранд, ки давоми фаъолият хавфи бознагаштани қарзҳои додашуда умуман вуҷуд надорад. Маҳз ҳамин омил замина фароҳам овардааст, ки эътимоди созмонҳои бонуфузи байналмилалии молиявӣ ба он тамоюли афзоишро касб намояд. Миёни бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории кишвар аввалин баҳодиҳии (рейтинги) молиявии байналмилалиро гузаштану соҳиби категорияи ВВ гардидани ташкилоти мазкур далели возеҳи ин гуфтаҳост. Лозим ба ёдоварист, ки дар муқоиса ба нишондиҳандаҳои оғози фаъолият дороиҳои (активҳои) ташкилот чор маротиба ва сандуқи қарзӣ 2,5 маротиба зиёд гардидааст. Дар маҷмӯъ, аз шурӯи фаъолият инҷониб «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» ба ташкилотҳои маблағгузории хурди дар манотиқи гуногуни мамлакат фаъолиятдошта 24,6 миллион сомонӣ қарз пешниҳод намудааст.Дар навбати худ масъулини ташкилотҳои маблағгузории хурд аз фаъолияти пурмаҳсули Ташкилоти амонатӣ-қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» ва дастгириҳои он баҳри ривоҷи фаъолияташон изҳори қаноатмандӣ намуда, умед карданд, ки минбаъд ин раванд рушд хоҳад ёфт.Тибқи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии аз ҷониби Ташкилоти амонатӣ-қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» амалигашта, дар самтҳои фаъолияти пурмаҳсули иҷтимоӣ,ҷалби бештари сармоя, идоракунии самаранок, рушди бемайлон, устувории муназзам, фаъолнокии бештар ва ҳамкори беҳтарин ташкилотҳои маблағгузории хурди «Амлок», «Ворух», «Арванд», «Феникс», «Фуруз», «Музаффарият», «Дастрас», «Зар», «Арғун», «Ҷовид», «Меҳнатобод», «Нов кредит»ва «Имконият Ховар» мукофотонида шуданд.Директори генералии ташкилоти маблағгузории хурди «Арванд» Шоира Содиқова ва аудитори ширкати «Мазарс» Елена Симонова низ барои саҳми арзандаашон дар рушди Ташкилоти амонатӣ-қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» қадрдонӣ гаштанд.

Дар ҳошияи чорабинии зикршуда, ки ба 4 -солагии фаъолияти ташкилот рост омад, миёни Ташкилоти амонатӣ-қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» ва ташкилотҳои маблағгузории хурди «Суғд микрофин», «Мадина ва Ҳамкорон» созишномаҳо оид ба ҷудо намудани қарз ба имзо расид. Гуфтан бамаврид аст, ки «Суғд микрофин» дар ҳафт шаҳру ноҳияи вилояти Суғд ва «Мадина ва Ҳамкорон», дар панҷ ноҳияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон фаъолият дошта, қарзҳои пешниҳоднамудаи Ташкилоти амонатӣ-қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» имконият фароҳам меоранд, ки доираи фаъолияташон боз ҳам васеъ гардад. Муҳимтар аз ҳама, ин рӯйдод раванди дастрасии шаҳрвандони мамлакатро ба маблағҳои қарзӣ вусъат мебахшад.

Вобаста ба ин масъала дар Паёми имсолаи Президенти ҷумҳурӣ ба Маҷлиси Олии мамлакат чунин зикр гаштааст: «Бонки миллӣ, Бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон «Амонатбонк», бонкҳои саҳомӣ ва ташкилоту сохторҳои маблағгузории хурд қарздиҳиро ба фаъолияти соҳибкорӣ, алалхусус дар минтақаҳои дурдасти кӯҳистон ва занони соҳибкор, афзоиш дода, дар давраи миёнамуҳлат ҳамасола на камтар аз 20 фоиз зиёд намудани маблағгузории соҳаҳои истеҳсолиро таъмин намоянд».

Аз ин бармеояд, ки роҳбарияти Ташкилоти амонатӣ-қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» бо ин иқдоми худ дар татбиқи дастуру супоришҳо ҳисса гузошта, ба сифати яке аз саҳмгузорони рушди кишвар рисолати хешро ба ҷой меорад.

***Далер МЕРГАНОВ,***
***«Садои мардум»***

●Аз фаъолияти ҷамоатҳои деҳот

# Ободии маҳалла саҳмест дар ободии кишвар

Як қисми деҳоти Бозорбой Бурунови шаҳри Ваҳдат дар паҳлуи шоҳроҳи Душанбе- Кӯлоб воқеъ буда, ҳамеша сермошину серодам аст. Роҳи панҷкилометрае, ки аз канори шоҳроҳ то ба маркази деҳа мебарад, дар ҳолати хуб қарор дорад. Ба идораи ҷамоати деҳоти номбурда қарибии анҷомёбии рӯзи корӣ омадем, вале ҳанӯз ҳам раис корафтодагонро қабул мекард. Баъди чанд лаҳза марди миёнасоле дар даст ҷузвдони коғазҳо аз ҳуҷраи кории раис «раҳмат» гӯён баромад ва бо мо низ бо ишора салом дод. Моро раис-Вайсиддин Нозиров хуш пазироӣ кард. Баъди аҳволпурсӣ, бо раис оид ба фаъолияти аҳли ҷамоат суҳбат намудем.

-Ҳоло тамоми саъю талошамонро баҳри сазовор истиқбол гирифтани ҷашни 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона кардаем. Воқеан, ин ҷашн бароямон муҳим аст, зеро ин иҷлосия дар дигар гаштани авзои муташанниҷи кишварамон ва оғози бунёдкориҳо асос гузошт,- гуфт дар оғози суҳбат В.Нозиров ва афзуд: - Барои истиқболи сазовори ин ҷашн, тибқи нақша-чорабиниҳо мо аз ҷумла давоми сол озмуни «Ободонии маҳал»-ро эълон кардем. Дар доираи ин чорабинӣ ободу зебо гардонидани деҳаҳо вусъати тоза гирифт. Аз ҷумла роҳи панҷкилометрае, ки шумо аз он гузар кардед, ҳар сол як маротиба аз таъмири ҷорӣ бароварда мешавад. Имсол онро ду маротиба таъмир кардем. Бунёди биноҳои хуштарҳи замонавии маъмурӣ, маишӣ, иншооти фарҳангӣ, табобатӣ ва таълимӣ, бахусус хонаҳои зебои истиқоматӣ намуди деҳотро ба куллӣ дигар мекунанд. Алҳол дар деҳаи Ниёгон як маркази саломатӣ бунёд меёбад. Баъди ороишоти берунӣ ва дохилӣ, дар арафаи ҷашни 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон мавриди истифодабарӣ қарор хоҳад гирифт. Барои бунёди ин маркази саломатӣ соҳибкорон Файзалӣ Қаюмов, Сафарбек Назаров, Салоҳиддин Нозиров ва Муродалӣ Маҳмадалиев саҳмгузорӣ намуданд. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат марказро бо асбобу анҷом ва ашёи зарурӣ таъмин мекунад. Соли ҷорӣ якчанд таълимгоҳи деҳаҳои Гирдоб ва Солеҳон таъмиру таҷдид гардид.

Воқеан созандагиву ободгардонӣ, ки аз ҷониби роҳбарону масъулони дурандеш, шахсони саховатманд ва мардум анҷом меёбанд, амалҳои хайру савобанд. Дар баробари ин яке аз самтҳои асосии фаъолияти Ҷамоат ин кор бо мурочиати сокинони деҳот аст. Ба пурсиши мо, ки мардум бештар оид ба кадом масъалаҳо ба идораи ҷамоат муроҷиат мекунанд ва дар ин робита чӣ тадбирҳо андешида мешавад, раис чунин посух дод:

-Барои шунидани арзу матлаби сокинони деҳот рӯзҳои сешанбе ва панҷшанбе рӯзи қабул эълон кардаем. Вале, табиист, ки одамон ҳамарӯза барои коре ба идора меоянд. Дар ин ҳолатҳо кормандону мутахассисони идора арзи онҳоро мешунаванд ва барои ҳалли масъалаҳои ҷойдошта кӯшиш мекунанд.

Давоми соли ҷорӣ 302 ариза ва 131 муроҷиати шифоҳӣ ба идора ворид шуд, ки асосан қисми зиёди онҳо мусбӣ ҳал гардид. Одамон оид ба масъалаҳои гуногуни зиндагӣ, аз ҷумла беҳтар кардани шароити манзилӣ, таъминот бо об, барқ, ҳалли баҳсҳои оилавӣ, ҳамсоядорӣ муроҷиат мекунанд. Дар ин робита вобаста ба масъалаи ҳаётан муҳими беҳтарнамоии шароити манзилии аҳолӣ, тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 ноябри соли 2010 таҳти №603 «Дар бораи қоидаҳои тақсими қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзили истиқоматӣ» як қатор тадбирҳо андешидем. Дар назди Ҷамоат комиссияи ҷамъиятӣ фаъолият мекунад. Бо пешниҳоди аъзои ин комиссия мутахассисони мо ҳуҷҷатҳои лозимиро омода мекунанд. Танҳо соли ҷори 240 нафар оилаҳои нисбатан эҳтиёҷмандро бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин кардем

-Ҳаёти деҳот пур аз ҷашну маросим ва анъанаҳои хоса аст. Мардум тамоми дороиашро сарфи маъракаҳо мекунад. Хурсандиовар аст, ки бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфу харҷҳои зиёд аз миён рафта, чорабиниҳо ба танзим даромадаанд,- иброз медорад Вайсиддин Нозиров ва барои исботи гуфтаҳояш далелҳо меорад: -Дар маҷмӯъ, давоми нуҳ моҳи соли ҷорӣ 259 маъракаи хурсандӣ ва азодорӣ барпо гардид, ки зимни баргузории онҳо тартибу қоидаҳои танзим риоя гардиданд. Барои ба танзим даровардани маъракаҳо вакилони Ҷамоат, раисони маҳаллаҳо, шӯроҳои занон мунтазам дар байни мардум корҳои фаҳмондадиҳӣ мебаранд. Натиҷаи ҳамин аст, ки соли ҷорӣ ягон ҳолатҳои ҷиддии қонунвайронкунӣ ба қайд гирифта нашуд.

Мехостем доир ба паҳлуҳои дигари фаъолияти Ҷамоати деҳот суҳбатро идома диҳем, вале мушоҳида кардем, ки бо вуҷуди ба поёнрасии рӯзи корӣ, ташвишҳои раис ҳанӯз зиёд аст, иҷозати рафтан гирифтем. Раис барои маълумоти бештар пайдо кардан ба мо китобчаи «Шиносномаи Ҷамоати деҳоти Бозорбой Бурунов»-ро пешкаш кард. Аз ин шиноснома овардани чанд маълумоти дигар низ гумон мекунем маводи моро пурратар мегардонад. Ҷамоат аз 15 деҳа иборат буда, аҳолии деҳоти мазкур 22 ҳазору 808 нафарро ташкил мекунад. Дар ҳудуди деҳот ҳафт хоҷагии кишоварзӣ, 411 хоҷагии деҳқонии инфиродӣ, се фермаи чорводорӣ, ассотсиатсияи истифодабарандагони об, се корхонаи хиштбарорӣ, сехҳои сандуқсозӣ, коркарди маҳсулоти ширӣ, дӯзандагӣ, қаннодӣ ва ғайра фаъолият доранд.

Ин имкон медиҳад, ки мардуми деҳот харҷи бештар бо ҷойи кори доимӣ таъмин бошанд.

***Б.КАРИМЗОДА,***
***«Садои мардум»***

# Бунёди синфхонаҳои нав

Бо дастгирии хоҷагии деҳқонии «Убайдуллоев» дар назди мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №55- и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба тариқи ҳашар синфхонаҳои иловагӣ сохта шуд.

Дар гимназияи ноҳия бошад, аз ҳисоби даромадҳои иловагии таълимгоҳ сохтмони маҷлисгоҳ барои 200 ҷойи нишаст, ҳашт лаборатория ва як синфхона дар арафаи анҷомёбист.

Умуман, дар даҳ муассисаи таълимии ноҳия бунёди синфхонаҳои иловагӣ бо суръату сифати баланд идома дорад.

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»***

● Вакилони халқ 1938-2010



# ДАЪВАТИ ШАШУМ 1963 - 1967

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

### ҒУФРОНОВА Ҳабиба

**Вакил аз ҳавзаи интихоботии ба номи Маяковский №181, ноҳияи Ленин**



Соли 1920 дар шаҳри Конибодом таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Дар вазифаҳои котиби якуми Кумитаи комсомолии ноҳияҳои Роҳатӣ ва Ҳисор, ҷонишини раиси Кумитаи назди Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон, ҷонишини мудири шуъбаи КМ ҲК Тоҷикистон, котиби Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Ленин кор кардааст. Аз январи соли 1963 котиби Кумитаи ҳизби коммунисти раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии ноҳияи Ленин буд.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ», се медал ва Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

### АСОЕВА Зоғак

**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Роҳатӣ №182, ноҳияи Ленин**



Соли 1918 дар деҳаи Навободи ноҳияи Файзобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик.

Мудири яслӣ, баъд колхозчӣ шуда кор кардааст. Аз соли 1962 ҳамчун сардори бригадаи пахтакории артели хоҷагии деҳоти «Роҳатӣ», раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии ноҳияи Ленин кор кардааст.

### МИРЗАЯНТС Хайко Нерсесович

**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Султонобод №183, ноҳияи Ленин**



Соли 1914 дар шаҳри Қӯқанди ҶШС Ӯзбекистон таваллуд ёфтааст. Миллаташ арманӣ, таҳсилоташ олӣ.

Дар вазифаҳои мудири шуъбаи Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳиявии Колхозобод, котиби Кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Ленинобод, ҷонишини якуми вазири хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ ва мудири шуъбаи КМ ҲК Тоҷикистон, аз соли 1961 ҷонишин, ҷонишини якуми Раиси Шӯрои Вазирон, вазири истеҳсол ва тайёр кардани маҳсулоти хоҷагии деҳоти ҶШС Тоҷикистон кор кардааст.

Бо орденҳои Ленин, Ҷанги Ватании дараҷаи II, ордени «Нишони Фахрӣ» ва ду медал мукофотонида шудааст.

### ШАРИФОВ Бобокалон

**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Чорбоғ №184, ноҳияи Ленин**



Соли 1918 дар деҳаи Чорбоғи ноҳияи Ленин таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ ибтидоӣ.

Аз соли 1934 ҳамчун чӯпон ва сарчӯпони колхози «Правда»-и раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии ноҳияи Ленин кор кардааст.

### НУРМАТОВ Абдумуталлиб

**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Шайнак №185, ноҳияи Ленин**



Соли 1924 дар ноҳияи Қуваи ҶШС Ӯзбекистон таваллуд ёфтааст. Миллаташ ӯзбек, таҳсилоташ олӣ.

Сармуҳосиби совхоз, муҳосиби калон ва мудири шуъбаи ноҳияи Регар, сарагрономи колхози «Правда»-и ноҳияи Регар, сарагрономи ноҳия, инспектори хоҷагии деҳоти ба номи Жданови ноҳияи Ленин, аз соли 1961 раиси колхози «Коммунизм», раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии ноҳияи Ленин буд.

Бо медали «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.

### НАЗАРШОЕВ Моёншоҳ

**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Авзикент №186, ноҳияи Мастчоҳ**



Соли 1929 дар деҳаи Хосаи ноҳияи Шуғнон таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1947 дар ноҳияи Роштқалъа ба сифати муаллими мактаби ҳафтсола сар кардааст. Муаллими калон, мудири кафедраи Институти омӯзгории Кӯлоб, аз соли 1963 мудири шуъбаи КМ ҲК Тоҷикистон буд.

### РАҶАБОВ Наврӯз

**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Мастчоҳ №187, ноҳияи Мастчоҳ**



Соли 1922 дар деҳаи Эсизи Поёни ноҳияи Мастчоҳ таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1939 сар кардааст. Баъди адои хизмати ҳарбӣ аз соли 1944 дар вазифаи раиси артели хоҷагии деҳоти «Зарафшон»-и раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Мастчоҳ шуда кор кардааст.

Бо ордени Ҷанги Ватании дараҷаи II ва медалҳои «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.

### РАЗЗОҚОВ Ҳаким

**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Мастчоҳ №188, ноҳияи Мастчоҳ**



Соли 1912 дар деҳаи Камодони ноҳияи Мастчоҳ таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Мудири шуъба, котиби Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Мастчоҳ, котиби дуюми Кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Ленинобод ва аз соли 1963 раиси Комиҷроияи ноҳияи Мастчоҳ буд.

Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ. Бо медалҳои «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои меҳнати шуҷоатнок» мукофотонида шудааст.

**(Давомаш дар шумораҳои оянда)**

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**
**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

● Ҳунармандони мо

# ҲУНАРМАНД ҲАР ҶО БУВАД САРФАРОЗ...

Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ дар асари безаволи худ «Шоҳнома» дар ситоиши мардони ҳунар фармудааст:

***Куҷо беҳунар шуд асири ниёз,***
***Ҳунарманд ҳар ҷо бувад сарфароз.***

Дар як сафарам ба ноҳияи Зафаробод бо соҳибкоре, ки Зиёдулло ном дошт, шинос шудам. Ӯ аслан истаравшанӣ буда, дар шаҳри Гулистони Ҷумҳурии Ӯзбекистон зиндагӣ мекардааст.

Чун суҳбати мо бобати ҳунар ва арҷгузории ҳунармандон рафт, гуфт:

- Овозаи ҳунармандии мардуми Истаравшани бостон то ақсои олам рафтааст. Чанд вақт пештар бо кори тиҷорат ба шаҳри Тошканд рафтаму бо амри тасодуф бо митрополит -Викантий ном рӯҳонии рус ҳамсуҳбат шудам, ки аз вилояти Свердлови Федератсияи Россия сардори ҳавзаи Осиёимиёнагии метрополити калисои православии рус таъин шуда омада будааст. Чун фаҳмид, ки гузаштагони ман аз шаҳри Истаравшан ҳастанд, хурсанд шуда гуфт:

- Банда то ба ин ҷо омадан дар калисои шаҳри Верхотурйеи вилояти Свердлов кор мекардам. Он ҷо як гуруҳ устоҳои таъмиргари бомҳо, ки аз Истаравшан буданд, қариб ҳафт моҳ тунукаҳои бомҳои калисои мо ва дигар калисоҳои шаҳрҳои Екатеринбургу Карпинскро таъмиру таҷдид карданд. Ин ёдгориҳои таърихӣ мансуби асрҳои XVII-XVIII буда, бо санъати баланди наққошиву наҷҷорӣ ва фулузкорӣ бунёд шудаанд ва таъмиру таҷдиди онҳо кори саҳл нест. Аз устоҳо ҳунари баланди касбию огоҳии комилро аз санъати қадимаи рус талаб мекунанд. Тоҷикбачаҳои истаравшанӣ тунукаи боми ин ёдгориҳоро иваз карда, қуббаю гунбадҳои мудаввар, шашкунҷаву ҳашткунҷаи онҳо ва лӯлаҳои обгурезро чунон ҳунармандона сохта, насб карданд, ки гумон мекунед, асли қадим бошанд. Устокалони онҳо Ҳалим Ҳасанович Ҳабибов ном дорад.

Аз ин гуфтаҳои роҳиби рус дилам кушода шуд. Аз он ки ҳамдиёрони мо ҳунарҳои волои аҷдодиро то дуриҳо бурдаанд, фахр кардам.

Аз ин рӯ, тайи чанд рӯзи ба Истаравшан ба аёдати ёру дӯстон омаданам, пурсида-пурсида суроғаи усто Ҳалимбойро пайдо намудам. Ӯ писари усто Ҳасанҷони тунукачӣ аз гузари Мӯлчар будааст. Падараш ҳам барҳаёт аст. Афсӯс, ки барои дидорашон фурсат пайдо накардам.

-Агар шумо журналист бошед, аз пайи таҳқиқи ҳамин масъала шавед. Дар бораи чунин шахсон навиштан кори хайру савоб аст,- ба ман маслиҳат дод Зиёдулло.

***

Аз роҳи Сангқадоқи шаҳри Истаравшан ҷониби марказ бояд аз паҳлуи чойхонаи машҳури «Ҳавзи морон» мегузаштам. Ин чойхона таърихи хеле қадима дошта, қадамҷойи бузургони зиёде будааст. Чойхонаро тайи зиёда аз 60 соли охир пири кордону хушсуҳбати 85-сола амаки Бобоҷон Пӯлодов роҳбарӣ менамояд.

Ҳини убури роҳ чашмам ба 5-6 нафар мӯйсафедон афтод, ки болои кати даромадгоҳи чойхона нишаста, бо амаки Бобоҷон суҳбат доштанд.

Банда низ ба суҳбати онҳо шарик шуда, ҷилави суханро ба кору рӯзгори усто Ҳасанҷони тунукачӣ кашидам.

- Усто Ҳасанҷони шумо мегуфтагӣ аз тунукачиёни машҳури шаҳри Истаравшан ба ҳисоб меравад. Ӯ шогирди усто Муъминҷони машҳур аст,- гуфт амаки Бобоҷон.

- Амаки Ҳасанҷон ҳамсояи мост. Он кас 5-6 сол шуд, ки дову дастгоҳашонро ба писару набераҳо супоридаанд. Хонашинанд, кам ба ҷое мераванд. Агар он касро диданӣ бошед, марҳамат, ман роҳбалад мешавам,- гуфт марди дигар, ки Ғаниҷон Акрамов ном доштааст...

***

Усто Ҳасанҷонро дар хонааш пайдо кардем. Ӯ моро хуш қабул кард ва аз тавсифи ман дар бораи кору фаъолияти писару набераҳояш дар Федератсияи Россия хушҳол шуду бо табассуми малеҳе гуфт:

- Тақдирро бинед, ки замоне моро бо тақозои касб то ба шаҳрҳои Зомину Ҷиззахи Ӯзбекистон ва Лайлаки Қирғизистон мебурданд, имрӯз бошад, писарону набераҳоям домони касби моро то ба шаҳрҳои Россия паҳн намудаанд,- гуфт бо ифтихор усто Ҳасанҷон ва ба суханонаш чунин илова кард:

- Ҳалимбой,- писари калонии ман, хатмкардаи факултети муҳандисии Донишкадаи техникии Тоҷикистон аст. Солҳои зиёд дар фабрикаи кешбофӣ ва Муассисаҳои шабакаҳои барқи Истаравшан муҳандис ва сармуҳандис шуда кор мекард. 6-7 сол боз дар Федератсияи Россия аст. Он ҷо як корхонаи хурди хусусӣ дорад. Ҳамроҳи писарону ҷиянҳояш ба таъмиру барқарорсозии ёдгориҳои таърихӣ машғул мебошад. Ҳозир омадагӣ, зарур бошад, одам мемонам, зуд меояд...

Ман сари як пиёла чой то омадани усто Ҳалимбой, устои куҳансолро ба гап даровардам…

Маълум шуд, ки Ҳасанҷони сесола аз падар ятим мондааст. Падараш Қорӣ Абдуҳабиб ном дошта, писари домуллои машҳури замони тоинқилоб - Қорӣ Абдуҳамид будааст. Писараш Абдуҳабибро худ таълим дода, «Қорӣ» карда бошад ҳам, ӯ тиҷоратро пеша кардааст. Ба шаҳрҳои калони Россия -Москваю Санкт- Петербург хушкмеваи бобоиро бурда, аз он ҷойҳо ҳар гуна маҳсулоти тунукагӣ, оҳанӣ, чӯянӣ, мисӣ ва резинӣ меовардааст.

- Аввалин калӯш, самовор, дег, тафдон ва асбобҳои дигари мисию чӯяниро ба ин тарафҳо падари ман овардаанд,- мегӯяд усто Ҳасанҷон.

Ман ҳанӯз дар гаҳвора будаам, ки падарам аз шаҳри Санкт-Петербург як дастгоҳи калони оҳанӣ харида овардаанд. Модарам «дадаш, аз ҳамин қадар роҳ ин чиро бардошта омадед?»- гуфта пурсанд, -«эҳ, занак, замона дигар шуда истодааст. Дигар ба муллогию қоригӣ нон ёфта хӯрдан мушкил шудааст. Писарамон касб ёд гирад гуфта, ҳамин дастгоҳро бардошта омадам. Ин асбоб аз тунука ҳар хел гул месозад. Худо хоҳад, Ҳасанҷонамонро устои тунукачӣ мекунем»,- гӯён ҷавоб додаанд...

***

Ҳасанҷон 12- сола буд, ки модари раҳматиаш ӯро ба назди усто Муъминҷони тунукачӣ, ба шогирдӣ бурда монд. Ӯ шогирди хушзеҳн баромад. Дар андак муддат супоришҳои устодашро бо ҳавсала ва сифати хуб иҷро мекардагӣ шуд. Аз байни 4-5 шогирди усто фақат Ҳасанҷон ба сохтани қуббаю гумбазҳо, гулкорию наққошӣ ҷуръат мекард. Ҳамин тавр, онҳо қариб даҳ сол якҷоя дар «Артели Сурх» кор карданд. Баъд коргоҳи ҳунармандон ба комбинати хизмати маишӣ табдил ёфт ва устоду шогирд бо ҳамроҳии шогирди усто Ҳасанҷон Муқимҷони Вогатӣ 6-7 соли дигар он ҷо кор карданд. Усто Ҳасанҷон хотироти он рӯзҳоро бо шавқу хаяҷон ба ёд меорад:

- «Ба як ҷавонмард чил ҳунар кам», -гӯён ба курси ронандагӣ ҳам ҳуҷҷат супоридам. Қариб 30 сол дар автобазаи шаҳр ва мошинсаройи фабрикаи трикотажӣ танзимгар шуда кор кардам. Як шабонарӯз кор мекардаму се шабонарӯз истироҳат доштам. Дар рӯзҳои истироҳат ҳамроҳи усто Муъминҷон ба корҳои сохтмонӣ машғул мешудем. Он вақтҳо тунука кардани бомҳо нав расм шуда буд. Эҳтиёҷмандон барои мо ҳафтаҳо навбат мепоиданд.

Бомҳои масҷиду биноҳои муҳташами шаҳри Истаравшан, деҳоти ноҳияҳои Ғончию Шаҳристон, шаҳрҳои Зомину Ҷиззахро мо тунукапӯш кардаем. Бомҳои маҷмааҳои «Ҳазрати Шоҳ», «Чаҳор гунбаз», «Мақбараи Хоҷа Абдураҳмони Аф», Варзишгоҳи марказӣ, «Қасри пионерон», ки имрӯз «Кохи фарҳанг»-аш меноманд, ҳама маҳсули дастони моянд. Барои як қубба сохтан, гунбад пӯшидан, наққошӣ кардани атрофи бомҳо моҳҳо сарф мекардем. Ҳозир чунин корҳо гарон меафтанд, мардум роҳи осони корро меҷӯяд. Афсӯс, чунин ҳунарҳои асил имрӯз кам истифода мешаванду аз байн рафта истодаанд.

- Ҳоло ҳам дар шаҳр устохона доред?- мепурсам ман.

- Бале, писарам, дар растаи ҳунармандони шаҳр як дӯкон дорем. Он ҷо писари дуюмам Исломҷон бо набераҳои усто Муъмини худораҳматӣ кор мекунанд. Арвоҳи устодам шод шавад гуфта, онҳоро коршарик кардам. Ҳамаашон устоҳои нағз шудагӣ..

Тағора, сатил, хокандоз, бухорӣ, лӯлаҳои бухорӣ, каҷак, дастшӯй ва дигар асбобҳои рӯзгор месозанд. Бо талаби мардум ба хонаҳояшон рафта, бомҳояшонро тунукапӯш мекунанд. Ман тамоми асбобу анҷоми тайи умри беш аз 80-сола ҷамъ овардаамро ба писарону набераҳо тақсим карда, ба онҳо фотеҳа додам. Сад шукр, ки кори маро писарону набераҳо давом медиҳанд. Ҳалимбой биёяд, як сари қадам шуморо ба дӯкон ҳам мебарем,- гуфт устои мӯйсафед.

***

Усто Ҳалимбой ҳам расида омад. Вай марди тақрибан 50-52 сола аст. Ӯро пештар ҳам мешинохтам. Солҳои 1988-1991 дар Афғонистон хизмат кардааст. Ордени «Ситораи Сурх» ва чандин ифтихорномаю медал дорад.

Мо ҳамроҳи ӯ борҳо дар ҷамъомадҳои ҷанговарони интернатсионалист вохӯрдаем. Намедонистам, ки ӯ устои гулдасти тунукачӣ будааст. Аз нақли усто Ҳалимбой маълум шуд, ки онҳо дар шаҳри Екатеринбурги вилояти Свердлови Федератсияи Россия Ширкати бинокории «Компания -АС» доштаанд. Тӯли 6-7 соли мавҷудияти ширкат дар шаҳрҳои Москва, Санкт-Петербург ва қариб аксари шаҳрҳои вилояти Свердлов бунёди иншооти зиёди таъиноти гуногунро ба анҷом расониданд.

- Мо гумбаду тоҷу қуббаҳои якумин калисои сангин бо номи «Храм Введенский собор Божей матери»-ро дар шаҳри Карпинск таъмир кардем, ки гумбадаш ҳашткунҷа буда, ҳар кунҷаш чор қирра дорад ва масоҳати умумии майдони бом 300 метри мураббаъро ташкил медиҳад. Баландиаш баробари бинои даҳошёна аст,- бо мамнуният гуфт усто Ҳалимбой.

Бино ба гуфтаи ӯ, бо ҳамроҳии писарҳояш Хусрав, Хушбахт, Субҳон ва ҷиянҳояш Фарҳоду Абдулло онҳо ҳар сол боми 5-6 адад иншооту ёдгориҳои таърихии Россияро таъмиру таҷдид мекунанд. Боми Донишгоҳи технологии шаҳри Москва, калисоҳои шаҳрҳои Тула ва Карпинск, «Усадбаи Рязанов» аз ҳамин қабиланд.

- Дар Федератсияи Россия ҳунари моро хуб қадр мекунанд, Худоро шукр, зиндагиамон тинҷу осудааст,- мегӯяд бо қаноатмандӣ усто Ҳалимбой.

***

Дӯкони усто дар самти чапи бозори марказӣ, дар «Растаи ҳунармандон» ҷойгир будааст. Моро он ҷо писари дуюмаш усто Ислом ва набераҳояш пешвоз гирифтанд. Дар даромадгоҳи устохона намунаҳои ашёҳои тайёр ба тартиб чида шудаанд. Деворҳои дохили ҳуҷраро низ асбобҳои корӣ ва намунаҳои маҳсули дастони устоҳо оро додааст.

- Шумораи умумии асбобҳои кори мо беш аз сад номгуй аст.

Ана, ин ҳамон дастгоҳест, ки ман ба шумо қиссаашро гуфтам. Умри зиёда аз 80-сола дорад,- ба дастгоҳи калоне ишора карда гуфт бобои Ҳасанҷон.

- Барои омода намудани як ашё ва гулкорию наққошӣ кардани он наздик ба 20-30 адади ин асбобҳо истифода мешаванд,- шарҳ дод ӯ.

-Ман ҳоло ҳам вақт ёфта, ба ин пирхона (устохонаро дар назар дорад) меоям ва сифати кори шогирдонро месанҷам, маслиҳатҳо медиҳам ва аз онҳо талаб мекунам, ки ҳамеша ҳалолкору ҳалолхӯр бошанд. Ба мардум хизмат кардем, аз меҳнати ҳалол хонаву дар сохтем. Бачаҳоро ба воя расонидем, Худо қатор-қатор набераю абера дод. Хотирам ҷамъ аст, ки касбу ҳунарам хор намешавад, писарону набераҳо онро давом дода истодаанд. Оянда абераҳо низ онро идома хоҳанд дод,- гуфт пири ҳунар.

***Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»***

## МУСОДИРАИ ЯРОҚУ ЛАВОЗИМОТИ ҶАНГӢ ИДОМА ДОРАД

Тавре аз Маркази матбуоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд, имрӯзҳо бо мақсади ҳар чӣ зудтар мусодира намудани силоҳу лавозимоти ҷангии ғайриқонунӣ аз аҳолӣ кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бо бурдани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ дар байни мардум ба натиҷаҳои назаррас ноил мегарданд. Зеро, то он даме, ки дар дасти аҳолӣ ва гурӯҳҳои ҷиноятқор яроқ мавҷуд аст, таҳдиди он ба ҳаёти одамон вуҷуд дорад.

Аз ин ҷост, ки тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусодира намудани яроқи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ ва техникаи ҳарбии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 декабри соли 1994 таҳти рақами 2 кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба миқдори зиёд яроқу аслиҳаи оташфишонро мусодира намудаанд.

Аз ҳисси баланди масъулиятшиносӣ, эҳтиром гузоштан ба арзишҳои олии инсонӣ ва ба қадри оромию осудагӣ расидани мардуми сарбаланди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аст, ки аҳолии он бо мақсади то охирин силоҳу лавозимоти ҷангиро гирифтан, бо кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҳамкорӣ менамоянд.

Дар шаш моҳи соли равон дар миқёси вилоят 137 адад яроқу аслиҳаи ҷангӣ ва баъди 24 - уми июли соли равон ба миқдори 251 адад силоҳу лавозимоти ҷангии ғайриқонунӣ, аз ҷумла беш аз 100 адад автомати тамғаи Калашников, шаш пулемёт, 22 адад гранотомёт, як адад миномёт, як адад ДШК, як адад яроқи тамғаи «Зенитка» ва дигар муҳимоти ҷангӣ аз аҳолӣ ва гуруҳҳои муташаккили ҷиноятқор гирифта шуд. Ҳамчунин беш аз 20 ҳазор адад лавозимоти ҷангӣ ва зиёда аз 150 килограмм маводҳои тарканда ёфт ва мусодира гардид.

***Фирӯза ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум»***

## Дар як рӯз ду иншоот

Бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Шаҳристон биноҳои нави замонавӣ барои соҳаи маориф бунёд ёфта истодаанд.

Аз ҷумла дар ин ҷо бинои нави шуъбаи маориф ва дар деҳаи Гулистон мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №9 дар як рӯз мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд.

Дар маросими ботантанаи ба истифода супоридани ин иншоот сардори шуъбаи сохтмони асосии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Зарифов, мутобиқгардони фонди католикии Бонки Умумиҷаҳонӣ И. Бобохонов ва раиси ноҳия Н.Мукумов иштирок намуда, ҳозиринро бо ин рӯзи хуш шодбош гуфтанд.

***Н. ҲУСЕЙН, «Садои мардум»***

# БО ШУМОРАИ КАМ ҲАМ МУБОРИЗА БОЯД БУРД

Нашъамандӣ зуҳуроти номатлубест, ки маҳсули эҷоди худи инсон аст ва боз инсон аст, ки асрҳо барои раҳоӣ аз ин мушкили эҷодкардааш тадбир меҷӯяд. Бархе аз истеҳсолу интиқоли ин маводи марговар қасру манораҳои боҳашамат бунёд мекунанду қисмати дигар аз истеъмоли он шарафи инсонии хешро аз даст медиҳанд ва ғарқаи гирдоби марг мешаванд. Вале фоҷиаи як гурӯҳ ҳаргиз пеши роҳи ҳирсу нафси паҳнкунандагони ин маводро гирифта наметавонад…

Аз ин рӯ, ин амали пасту ғайриинсонӣ идома дораду идома.

Дар муассисаҳои наркологии ҷумҳурӣ дар давоми нуҳ моҳи соли ҷорӣ 7255 нафар чун бемори гирифтори нашъамандӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки аз онҳо 223 ё 4,5 дар садашро занон ташкил медиҳанд. Қариб 50 дар сади нашъамандон дар шаҳри Душанбе истиқомат доранд. Умуман, дар шаҳрҳо хавфи зиёдшавии нашъамандӣ бештар аст.

Маҳмадраҳим Малахов –сардухтури Маркази клиникии ҷумҳуриявии наркологӣ дар сӯҳбат гуфт, ки тибқи таҳлилҳо нашъамандӣ аз соли 2000 то соли 2008 афзоиш карда, баъдан коҳиш ёфтааст.

Дар дунё тамоюли баландшавии гирифторони нашъамандӣ миёни занҳо бештар ба мушоҳида мерасад. Хушбахтона, дар Тоҷикистон чунин тамоюл дида намешавад.

- Шумораи умумии сабти номшудаи занони гирифтори нашъамандӣ аз соли 2003 то соли 2011 то ба 0,7 дар сад коҳиш ёфтааст. Вазъи иҷтимоию фарҳангӣ, урфу одат, мавқеи зан дар ҷомеа, дин ва ҷаҳонбинии исломӣ ба коҳиши ин зуҳуроти номатлуб миёни занҳо таъсири назаррас гузоштааст. Дар дигар кишварҳо то 30 дар сад ва аз ин зиёдро занони нашъаманд ташкил медиҳанд. Вале бо ин миқдори кам низ мубориза бояд бурд, - мегӯяд М.Малахов – сардухтури муассисаи мазкур.

Чӣ сабаб мешавад, ки зани тоҷик ба чунин зуҳуроти номатлуб даст мезанад ва аз ҳаёти худу наздиконаш намеандешад? Шояд сабаб дар он бошад, ки ин ашхос дар оилаҳое тарбия мегиранд, ки яке аз волидайн – падар ва ё модар надоранд, ё ин ки яке аз онҳо ба нашъамандӣ машғул аст. Ким Ирина Алексеевна –духтури нарколог зимни суҳбат гуфт, ки хуб аст дар мо менталитети зани шарқӣ монеаи чунин рафтори номақбул гардидааст. Аз ин рӯ, ба чунин амали ношоиста бештар занони сабукпо даст мезананд. Ҳамчунин мушоҳида мешавад, ки нашъамандӣ сабабгори фоҳишашавии занон низ мегардад.

Мавриди зикр аст, ки беш аз 15 дар сади истеъмолгарони маводи мухаддир аз як сӯзандору истифода мекунанд, ки сабаби асосии сироятшавӣ ба бемории вируси норасоии масунияти одам мебошад.

Наргис Алиёрова – нозири шуъбаи назорати муомилоти маводи нашъаовар ва пешгирии нашъамандии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баён дошт, ки занон аксар бо сабаби хонавайронӣ гумроҳ шуда, ба чунин амал шуғл меварзанд. Ҳамчунин занон, ки дар оила нисбати мардон камтар ба гирифтани маълумот имкон доранд, баъди оиладоршавӣ ва ноомадиҳо дар хонадорӣ аз надоштани маълумоти кофӣ ва зудбоварӣ ба ин ҳолат меафтанд.

То аввали соли 2012 дар Тоҷикистон 3846 нафар гирифтори бемории вируси норасойии масунияти одам ба қайд гирифта шудааст, ки 53 дар сади онҳо истеъмолкунандагони тазриқии маводи мухаддиранд. Мавриди зикр аст, ки 97 дар сад истеъмолкунандагони



тазриқии маводи мухаддир мардон мебошанд.

Илова бар ин, қариб ҳамаи истеъмолкунандагони маводи нашъадор алоқаи ҷинсии бемуҳофизаро амалӣ мекунанд, ки имконияти сироят ба ВНМО-ро меафзояд. Бо мақсади пешгирии паҳншавии инфексияҳои аз хун гузаранда, тибқи фармони вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2009 Барномаи пилотии муолиҷаи ивазкунанда ворид карда шудааст, ки то охири соли сипаришуда 172 нафар дар доираи ин барнома муолиҷа гирифтаанд. Барномаи мазкур дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Хоруғ ба роҳ монда шудааст. Дар назар аст, ки дар охири соли 2012 натиҷаҳои баҳогузории пешакии барномаи номбурда мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Бо назардошти зарурати гузаронидани чорабиниҳои пешгирикунандаи нашъамандӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2007 «Барномаи ягонаи мақсадноки давлатӣ оид ба пешгирии нашъамандӣ ва муқобилият бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» тасдиқ карда шуд.

Алишер Ташрифов –сардори шуъбаи назорати муомилоти маводи нашъаовар ва пешгирии нашъамандии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфт, ки дар самти пешгирии ин гуна зуҳуроти номатлуб корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни аҳолӣ ва ашхосе, ки аллакай таҷрибаи истеъмоли ин маводро доранд ва ё чашидаанд, бурда шуда, дар самти табобат ва офиятбахшии онҳо низ як қатор корҳо амалӣ гардида истодаанд. Бо мақсади ҳар чӣ бештар ҷалб намудани аҳолӣ ба таблиғи зиддинашъамандӣ мизҳои мудаввар, семинару вохӯриҳо, чорабиниҳои варзиширо бо иштироки адибону сарояндагон, ҳунармандони театру эстрада, наркологу намояндаҳои дин барпо карда истодаем. Ҳамчунин миёни хабарнигорону донишҷӯён озмунҳои гуногун эълон карда шудааст.

### Муолиҷаи гирифторони нашъамандӣ боварӣ мехоҳанд

Ташкилоти ҷамъиятии «Хуршед» аввали соли ҷорӣ лоиҳаеро бо номи «Зиндагӣ бидуни нашъамандӣ» дар ноҳияҳои наздисарҳадии вилояти Хатлон- ноҳияҳои Фархор, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Шӯрообод ва Панҷ амалӣ кард. Дар доираи ин лоиҳа семинарҳо барои гурӯҳҳои осебпазир ва донишҷӯёни омӯзишгоҳҳои касбӣ ва хонандагони синфҳои болоӣ оид ба зарару пешгирии нашъамандӣ ва бемориҳои норасоии масунияти одам доир гардида, озмунҳо гузаронда шуд. Ҳадафи лоиҳаи мазкур коҳиш додани теъдоди нашъамандон миёни қишрҳои гуногуни ҷомеа, бахусус ҷавонон буда, барои ҷилавгирӣ аз бемории ВИЧ/СПИД равона шудааст.

Абдулло Гадоев – рӯҳшиноснаркологи ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ гуфт, ки тӯли шаш моҳи аввали соли ҷорӣ дар ноҳия 38 нафар нашъаманд ба қайд гирифта шуда буд, дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ бошад, шумораи онҳо то ба 28 нафар коҳиш ёфт. Аз онҳо шаш нафар нашъамандони тазйиқӣ буданд. Хушбахтона, занҳо ва беморони норасойии масунияти одам миёни онҳо нестанд. Бояд гуфт, ки дар ноҳияи мо корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳӣ дар доираи татбиқи Қарори Ҳукумаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012 «Дар бораи тасдиқи Барномаи миллии пешгирии паҳншавии нашъамандӣ ва такмили ёрии наркологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2017» гузаронида, ҳамкориҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо шуъбаи корҳои дохилӣ, маориф, тандурустӣ хуб ба роҳ монда, утоқҳои боварӣ фаъол гардонида шудааст, ки барои коҳиши ин зуҳурот мусоидат мекунад. Дар утоқҳои боварӣ рифола ва барои нашъамандони тазйиқӣ сӯзандору, ки аз ҷониби Бунёди глобалӣ таъмин карда мешавад, пешниҳод мегардад.

Хушбахтона, дар шаҳри Кӯлоб ташкилоти ҷамъиятии «Анис» роҳҳои махсуси ҷалби нашъамандонро баҳри табобат ҷорӣ намудааст. Истифода аз ин маркази офиятбахшӣ махфӣ аст. Аз ин рӯ, истифодабарандагони ин маводи марговар ба ин ҷо меоянд.

-Чаро дар чунин макони хилват ҷой гирифтаед? -мепурсам аз Идимо Холмуродова –роҳбари ин ташкилот.

-Чунин марказҳо бояд дар ҷойҳои хилват бошанд. Зеро ин тоифае, ки мо ба онҳо сарукор дорем, ҳамеша амали худро мекӯшанд аз чашми ҷомеа махфӣ нигоҳ доранд. Одамгурез мешаванд ва аз олами ҷиноят низ чандон дур нестанд, - гуфт ӯ.

- Аз онҳо чизе намепурсем ва ба олами онҳо дахолат намекунем, зеро онҳо аз маълумот додан дар бораи худ меҳаросанд, барои он ки ҳадафи кормандони марказ нишонрас бошад, бовари ин тоифаро ба даст овардан лозим аст. Аз ин рӯ, бисёр боэҳтиёт бо онҳо муносибат ва муомила мекунем, - мегӯяд Рустам Бозоров – танзимгари лоиҳаи марказ.

Марказ ба хотири пешгирӣ ва наҷоти шаҳрвандон аз марге, ки ҳангоми аз меъёр зиёд истеъмол намудани нашъа рух медиҳад, 844 адад налаксон, ки аз ҷониби Бунёди глобалии СММ таъмин мегардад, тақсим кард. Ба ин восита наздик ба 200 нафар аз марг наҷот ёфтанд. Яке аз ин наҷотёфтагон Дилбар ном дорад. Ӯ умед надошт, ки рӯзе тамоми доройӣ, саломатӣ, рӯзгори тинҷу осудааш аз даст меравад.

-Зиндагии пуру сер доштам. Шавҳарам сарватманд буд, вале аз пайи ҳавову ҳавас гашта, оқибат қарздор шуд. Маро соҳибони қарз гаравгон гирифта, ба ин маводи марговар тариқи сӯзандору одат кунонданд. Ҳоло шукр мекунам, ки аз сироят ба бемории ВИЧ/СПИД эмин мондаам. Муолиҷа гирифтам ва ба зиндагии муқаррарӣ баргаштам. Вале аз умри барҳадаррафтаам афсӯс мехӯрам, - мегӯяд ӯ.

Наргис бошад, аз синфи ҳашт дигар ба мактаб нарафт. Чун аксари духтарони тоҷик ӯро ба шавҳар доданд. Баъди ба муҳоҷират рафтани шавҳар ва он ҷо зан гирифтанаш, ӯро волидони ҳамсараш аз хона ронданд. Дар хонаи падар низ, ба қавле сари ӯ ҷо нагирифт. Бо тифли хурдсол дар кӯча монда, ба гурӯҳи духтарони сабукпову бангӣ ҳамроҳ шуд. Имрӯз ин ҷавондухтари 20-сола табобат гирифта истодааст ва умед дорад, ки ба зиндагии муқаррарии инсонӣ бармегардад…

### ВИЧ/СПИД дунболи нашъамандон аст

Чаро ба ин бемории бедавои аср нашъамандон бештар гирифтор мегарданд, маълум аст. Чунки аз як сӯзандору чандин нафар ҳангоми истеъмоли маводи мухаддир истифода мебаранд. Вале чаро онҳо аз як сӯзандору истифода мебаранд? Ҳангоми сӯҳбат бо мутахассисоне, ки бо ин афрод сарукор доранд, муайян гашт, ки замони гирифторӣ ба ин дард табиати ин қабил одамон пурра тағйир ёфта, онҳо асабонӣ, шитобкор, пайи дарёфти ин мавод серташвиш гашта, хислатҳои роҳзанӣ ва фиребу найрангро пайдо мекунанд. Бахусус ҳангоми истеъмоли ин мавод беаҳамиятӣ ва бесабрӣ зоҳир карда, аз як сӯзандору истифода мебаранд, зеро дарди сахттаре чун гирифторӣ ба ин маводро дигар эҳсос намекунанд. Аз ин хотир, миёни ин афрод фоҳишаҳои зану мард зиёданд ва дидаву дониста атрофиёнро ба ин бемории даҳшатнок сироят мекунанд.

### Назари гирифторони нашъа баъди муолиҷа

Ҳамаи гирифторони ин беморӣ баён доштанд, ки зиндагиро аз сари нав оғоз намуданианд, бахусус кору нони ҳалол мехоҳанд пайдо намоянд. Рустам Бозоров – танзимгари лоиҳаи ташкилоти ҷамъиятии «Анис» гуфт, ки тамоми шароит –се вақт таоми гарм, ҷойи хоб, табобат барои гирифторони нашъа муҳайёст. Онҳо иҷборӣ не, балки бо ихтиёри худ роҳи муассисаи моро пеш мегиранд. Дари маркази мо барои онҳо ҳамеша кушода аст.

Масъалаи дигаре, ки ин тоифаи одамон ва кормандони марказро ба ташвиш овардааст, ин бо ҷойи кор таъмин намудани онҳост. Бисёр мехостем, ки корхонаҳои хурд барои истеҳсоли маҳсулоти қаннодиву сабзавотӣ дар назди ин марказ бунёд шаванд, то ки «маризон» зиндагии баъди муолиҷаро дарёбанд. Моро лозим аст ба ин инсонҳое, ки роҳи душвору пурмуаммо ва беҳудаву пуриштибоҳро тай намудаанд, дилшикаставу маъюс аз зиндагианд ва баъзеашон дар вартаи ноумедиву ҳалокат қарор доранд, даст бидиҳем, то бори дигар онҳо имкони ҷуброни умри барҳадаррафтаро пайдо кунанд.

***Зуҳра САФАРЗОДА***




### Омодагӣ ба ҳамоиши бонуфуз

**ДУШАНБЕ. (Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамоиши бонуфуз омодагӣ мегирад. Нуздаҳуми октябри соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе ҷаласаи 10- уми Шӯрои палатаҳои савдо ва саноати ҷумҳуриҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор мешавад.

- Ин Шӯро даҳ сол муқаддам, бо ташаббуси президенти Палатаи савдо ва саноати Федератсияи Россия, академик Е. Примаков таъсис ёфта буд. Мақсад аз таъсиси он барқарор кардани робитаҳои субъектҳои хоҷагидори собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, мусоидат ба таҳкими ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ буд. Ҳар сол ҷаласаҳои Шӯро дар яке аз давлатҳои ИДМ гузаронида мешавад. Инак, раисии ҷаласаи 10- уми он ба зиммаи раиси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шариф Саид вогузошта шудааст. Мо ба қабули меҳмонони воломақом омодаем,- гуфт ба хабарнигорамон муовини раиси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Асаналӣ Карамалиев.

### Ҷамъоварии картошка идома дорад

**МУЪМИНОБОД. ( Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Табиати ноҳияи Муъминобод барои рушди соҳаи картошкапарварӣ хеле мувофиқу мусоид аст. Ба ин хотир, имсол дар майдони беш аз 500 гектар кишти картошка гузаронида шуда буд, ки имрӯзҳо ҷамъоварии ҳосили фаровони он босуръат идома дорад. Як қисми хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҷамоавӣ ҳосилнокии ҳар гектарро аз 300 то ба 400 сентнерӣ расонида, фоидаи хуби иқтисодӣ ба даст оварданд.

- Мо ният дорем, ки соли оянда ҳаҷми майдони кишти картошкаро дучанд зиёд намоем ва барои расидан ба ин мақсад ҳама шароиту имкониятҳоро дар ихтиёр дорем,- мегӯяд муовини аввали раиси ноҳияи Муъминобод Тоҳирхон Амиршоев.

### Пахтакорон марраро фатҳ мекунанд

**ЗАФАРОБОД. (Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Пахтакорони ноҳияи Зафаробод имсол азм доранд, ки зиёда аз 20 ҳазору 100 тонна «тиллои сафед» ҷамъоварӣ намуда, дурнаморо барзиёд иҷро намоянд. Бино ба гуфти мудири шуъбаи рушди иқтисод ва савдои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Зафаробод Фаррух Розиқов, бо мусоид омадани обу ҳаво ва риояи қоидаҳои агротехникӣ хоҷагиҳои деҳқонии ноҳия ҳосили фаровон рӯёнида, то даҳуми октябри соли ҷорӣ 12 ҳазору 469 тонна дурри гаронбаҳо ба даст оварданд. Ин хоҷагиҳо ба 23 ассотсиатсияи истифодабарандагони об шомиланд, ки аз ҷумлаи онҳо аллакай ассотсиатсияи истифодабарандагони оби «Зафар» (раисаш Қурбоналӣ Сунатуллоев) нақшаро барзиёд иҷро намуда, ба ҷойи 720 тонна 917,5 тонна ҳосил бардоштааст. ассотсиатсияи истифодабарандагони оби ба номи «150- солагии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» ( раисаш Абдулло Умаров) низ аз иҷрои дурнамо мужда дод. Дар ин хоҷагӣ ба ҷойи 874 тоннаи дурнамо 881,2 тонна «тиллои сафед» ҷамъоварӣ карданд. Фаъолияти хоҷагиҳои ассотсиатсияҳои истифодабарандагони оби «Роғун», «Рӯдакӣ» ва «М. Абдуллоев» низ назаррас аст. Онҳо ба фатҳи марраи ғолибият рӯз то рӯз наздиктар шуда истодаанд.

### Кӯмаки ҳашарчиён

**ҒОНЧӢ. (Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Бештар аз 300 нафар ҳашарчиёни ноҳияи Ғончӣ дар хоҷагиҳои деҳқонии деҳоти «Ҷомӣ» пахта чида, ба хирмани бобаракати деҳқонон саҳми худро илова менамоянд.

Чинакчиён Гуландом Сатторова, Гулсара Иброҳимова, Хуршеда Собирова, Марҳабо Сангинова, Гулбаҳор Ҳасанова, Сурайё Ортиқова, Муним Мирсаидов рӯзе то 80- 85 килограммӣ пахта чида, шаъну шарафи корхонаву муассисаҳои хешро боло мебардоранд. Ҳамчунин намояндагони Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ғончӣ Ҳайдар Юлдошев, Мақсуда Ёқубова, Муҳайё Иброҳимова, Дилбар Саъдуллоева, Ҳурматой Шарифова, Меҳрангез Мавлонова, Саодат Бафоева, Сабоҳат Баротова дар ҳашари пахтачинӣ фаъоланд. Натиҷаи меҳнати онҳо дар хоҷагиҳои «Фарҳодҷон», «Холиқназар», «Суғд- агро» дар даҳрӯзаи аввали ҳашар 113 тоннаро ташкил дод.

### Аҳолӣ бо об таъмин гардид

**ХУҶАНД. (Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Ба шарофати дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳри Истаравшан, ҳамчунин маблағгузории СММ ҷиҳати иҷрои Барномаи рушди иқтисодии деҳот мушкилоти таъминоти аҳолии деҳаи Вогати деҳоти «Сабристон» бо об ҳалли худро ёфт. Бино ба гуфти раиси ин деҳот Акбар Маъруфов дар мавзеи Кечик то деҳаи Вогат ба масофаи 500 метр бо маблағи 138 ҳазор сомонӣ хатти об гузаронида шуд. Акнун тавассути лӯлаҳои зеризаминӣ дар як сония сад литр оби обанбори «Зарринрӯд» боғу майдонҳо, дохили ҳавлиҳо ва хоҷагиҳои деҳқониро шодоб менамояд.

### Бинои маъмурӣ дар деҳот бунёд ёфт

**ТОҶИКОБОД. (Мирзосафар РИЗВОНОВ)** Дар деҳоти «Ширинчашма»-и ноҳияи Тоҷикобод бинои нави дуошёнаи маъмурии ҳозиразамон аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ сохта, бо ашёи зарурӣ муҷаҳҳаз гардонда, ба истифода дода шуд. Бинои мазкур дорои толори маҷлисгоҳ барои 50 ҷой ва ҳашт ҳуҷраи корӣ мебошад. Сохтмони биноро ҶСШК «Беҳрӯз»- и ноҳия ба анҷом расонид, - гуфт дар суҳбат мудири шуъбаи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Тоҷикобод Ҳаким Эшонов.

### Хобгоҳи нав барои ятимон

**РАШТ. (Мирзосафар РИЗВОНОВ)** Дар шаҳраки Навободи ноҳияи Рашт бинои нави хобгоҳ барои ятимону бепарасторони мактаб- интернати ҷумҳуриявӣ барои 250 нафар дар арафаи анҷомёбист. Бинои мазкурро ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» ( сарвараш Тоҷиддин Пиров) сарпарастӣ мекунад.

- Сохтмончиён тасмим гирифтаанд, ки биноро бо тамоми таҷҳизоти лозимӣ, бо сифати баланд то охири моҳи октябри соли равон ба истифода диҳанд, - изҳор дошт сарвари мактаб- интернати ҷумҳуриявии ноҳияи Рашт Гулибоғ Рафиева.

### Сафарбаркунӣ муташаккилона мегузарад

**ШУҒНОН. (Ш.ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»)** Дар ноҳияи Шуғнон ҷамъомади ботантанаи гусели наваскарон баргузор гардид. Роҳбарияти Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия зимни гусели ҷавонон арз доштанд, ки онҳо бояд пайрави фарзандони некноми Шуғнонзамин Қаҳрамони Тоҷикистон Шириншоҳ Шоҳтемур ва нахустгенерали тоҷик Мастибек Тошмуҳаммадов бошанд. Муовини раиси Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати вилоят Ғулом Фақиров изҳор дошт, ки хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ чун мактаби мардонагӣ барои ҳар як ҷавонписар шарафи бузург аст.

### Борони муҳаббат меборад

**ДУШАНБЕ. (Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** Чанде пеш маҷмӯаи нахустини шеърҳои рӯзноманигор Мирзо Рустамзода бо номи «Борони муҳаббат» рӯйи чоп омад. Навиштаҳои самимиву заминии Мирзо Рустамзода хонандаро ба некиву накукорӣ, муҳаббату вафодорӣ ва ифтихори ватандорӣ даъват менамоянд. Дар баробари ин, шоир дар шеъру дубайтиҳояш танпарвару коҳилон, ҳасудхӯру туҳматчиён, фиребгару қаллобонро мазаммат кардааст.

«Борони муҳаббат»- ро бо теъдоди 200 нусха нашриёти «Адиб» ба табъ расондааст.

***Масъули гӯша Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум».***
***Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91***

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Музоядаи №21-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан истифодашуда 9 ноябри соли 2012 баргузор менамояд

| т/р | Мансубият | Тамға | Соли барориш | Рақами давлатӣ | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ВАЗ-2106 | 1998 | 00-95 А 01 РТ | 3861 |
| 2 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | УАЗ-31512 | 1998 | 51-62 А 01 РТ | 6192 |
| 3 | | ВАЗ-2106 | 2001 | 35-01 А 01 РТ | 4134 |
| 4 | | ВАЗ-2106 | 2000 | 51-50 А 01 РТ | 4230 |
| 5 | | ВАЗ-2106 | 2000 | 51-52 А 01 РТ | 4050 |
| 6 | | ВАЗ-2109 | 1996 | 67-13 В 01 РТ | 1350 |
| 7 | | ВАЗ-2106 | 1996 | 51-64 А 01 РТ | 1796 |
| 8 | | РАФ | 1995 | 51-65 А 01 РТ | 11092 |
| 9 | | РАФ | 1989 | 57-84 А 01 РТ | 3697 |
| 10 | | ГАЗ-31029 | 1993 | 67-12 А 01 РТ | 856 |
| 11 | | ГАЗ-31029 | 1995 | 51-55 А 01 РТ | 4208 |
| 12 | | ГАЗ-31029 | 1995 | 34-49 Е 01 РТ | 4208 |
| 13 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ГАЗ-53 | 1980 | 027 ВВ 02 РТ | 308 |
| 14 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ГАЗ-3110 | 1999 | 50-02 В 02 РТ | 4212 |
| 15 | | ВАЗ-2106 | 1998 | 10-16 В 03 РТ | 7922 |
| 16 | | ВАЗ-2106 | 1998 | 10-29 В 03 РТ | 3961 |
| 17 | | ВАЗ-2106 | 2000 | 10-12 В 03 РТ | 2505 |
| 18 | | ВАЗ-2106 | 1997 | 10-20 В 03 РТ | 2782 |
| 19 | | ВАЗ-2106 | 1998 | 10-32 В 03 РТ | 3861 |
| 20 | | ВАЗ-2106 | 1998 | 10-28 В 03 РТ | 3861 |
| 21 | | ВАЗ-2106 | 1993 | 10-27 В 03 РТ | 1040 |
| 22 | | ВАЗ-21060 | 2001 | 96-69 А 01 РТ | 3666 |
| 23 | | ГАЗ-3110 | 1998 | 10-02 В О3 РТ | 1350 |
| 24 | | ГАЗ-31029 | 1993 | 50-18 В 02 РТ | 1639 |
| 25 | | ГАЗ-2410 | 1990 | 50-14 В 02 РТ | 875 |
| 26 | | ГАЗ-31029 | 1993 | 50-15 В 02 РТ | 692 |
| 27 | | ГАЗ-3110 | 1997 | 50-19 В 02 РТ | 2321 |
| 28 | | ГАЗ-31029 | 1993 | 50-24 В 03 РТ | 1639 |
| 29 | | ГАЗ-310290 | 1996 | 50-30 В 03 РТ | 2596 |
| 30 | | ВАЗ-21061 | 1998 | 50-21 В 02 РТ | 1326 |
| 31 | | ВАЗ-2106 | 1997 | 50-22 В 02 РТ | 166 |
| 32 | | ВАЗ-2107 | 1997 | 50-23 В 02 РТ | 894 |
| 33 | | Форд- сиярра | 1992 | 50-03 В 02 РТ | 616 |
| 34 | Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | ВАЗ-21074 | 2003 | 76-30 А 01 | 3973 |
| 35 | Прокуратураи шаҳри Душанбе | ГАЗ-3102-12 | 1995 | 65-10 А 01 | 983 |
| 36 | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ВАЗ-21063 | 1992 | 06-05 ДБА | 359 |
| 37 | Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ВАЗ-2107 | 1997 | 50-90 А 01 | 4125 |
| 38 | | ГАЗ-2752 «Соболь» | 2000 | 016 КН 01 | 14040 |
| 39 | | НИСАН | 1990 | 44-38 А 01 | 4938 |
| 40 | | НИСАН | 1992 | 44-40 А 01 | 4938 |
| 41 | | КАМАЗ-53212 | 1999 | 109 ТС 01 | 25773 |
| 42 | | КРАЗ-253 | 1996 | 118 ТС 01 | 15000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-49-87, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи И. Сомонӣ 35, тел: 2-41-14.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 15 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори 5 фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-49-87, 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи И.Сомонӣ 35, тел: 2-41-14,** ҳамчунин аз сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyda-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

### 9 ноября 2012 года проводит аукцион №21 по продаже транспортных средств, ранее бывших в употреблении

| п/н | Принадлежность | Марка | Год выпуска | Гос. номер | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Генеральная прокуратура Республики Таджикистан | ВАЗ-2106 | 1998 | 00-95 А 01 РТ | 3861 |
| 2 | Государственный комитет по национальной безопасности Республики Таджикистан | УАЗ-31512 | 1998 | 51-62 А 01 РТ | 6192 |
| 3 | | ВАЗ-2106 | 2001 | 35-01 А 01 РТ | 4134 |
| 4 | | ВАЗ-2106 | 2000 | 51-50 А 01 РТ | 4230 |
| 5 | | ВАЗ-2106 | 2000 | 51-52 А 01 РТ | 4050 |
| 6 | | ВАЗ-2109 | 1996 | 67-13 В 01 РТ | 1350 |
| 7 | | ВАЗ-2106 | 1996 | 51-64 А 01 РТ | 1796 |
| 8 | | РАФ | 1995 | 51-65 А 01 РТ | 11092 |
| 9 | | РАФ | 1989 | 57-84 А 01 РТ | 3697 |
| 10 | | ГАЗ-31029 | 1993 | 67-12 А 01 РТ | 856 |
| 11 | | ГАЗ-31029 | 1995 | 51-55 А 01 РТ | 4208 |
| 12 | | ГАЗ-31029 | 1995 | 34-49 Е 01 РТ | 4208 |
| 13 | Управление внутренних войск МВД Республики Таджикистан | ГАЗ-53 | 1980 | 027 ВВ 02 РТ | 308 |
| 14 | Генеральная прокуратура Республики Таджикистан | ГАЗ-3110 | 1999 | 50-02 В 02 РТ | 4212 |
| 15 | | ВАЗ-2106 | 1998 | 10-16 В 03 РТ | 7922 |
| 16 | | ВАЗ-2106 | 1998 | 10-29 В 03 РТ | 3961 |
| 17 | | ВАЗ-2106 | 2000 | 10-12 В 03 РТ | 2505 |
| 18 | | ВАЗ-2106 | 1997 | 10-20 В 03 РТ | 2782 |
| 19 | | ВАЗ-2106 | 1998 | 10-32 В 03 РТ | 3861 |
| 20 | | ВАЗ-2106 | 1998 | 10-28 В 03 РТ | 3861 |
| 21 | | ВАЗ-2106 | 1993 | 10-27 В 03 РТ | 1040 |
| 22 | | ВАЗ-21060 | 2001 | 96-69 А 01 РТ | 3666 |
| 23 | | ГАЗ-3110 | 1998 | 10-02 В О3 РТ | 1350 |
| 24 | | ГАЗ-31029 | 1993 | 50-18 В 02 РТ | 1639 |
| 25 | | ГАЗ-2410 | 1990 | 50-14 В 02 РТ | 875 |
| 26 | | ГАЗ-31029 | 1993 | 50-15 В 02 РТ | 692 |
| 27 | | ГАЗ-3110 | 1997 | 50-19 В 02 РТ | 2321 |
| 28 | | ГАЗ-31029 | 1993 | 50-24 В 03 РТ | 1639 |
| 29 | | ГАЗ-310290 | 1996 | 50-30 В 03 РТ | 2596 |
| 30 | | ВАЗ-21061 | 1998 | 50-21 В 02 РТ | 1326 |
| 31 | | ВАЗ-2106 | 1997 | 50-22 В 02 РТ | 166 |
| 32 | | ВАЗ-2107 | 1997 | 50-23 В 02 РТ | 894 |
| 33 | | Форд-сиярра | 1992 | 50-03 В 02 РТ | 616 |
| 34 | Агентство по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан | ВАЗ-21074 | 2003 | 76-30 А 01 РТ | 3973 |
| 35 | Прокуратура города Душанбе | ГАЗ-3102-12 | 1995 | 65-10 А 01 РТ | 983 |
| 36 | Министерство юстиции Республики Таджикистан | ВАЗ-21063 | 1992 | 06-05 ДБА | 359 |
| 37 | Комитет по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороны при Правительстве Республики Таджикистан | ВАЗ-2107 | 1997 | 50-90 А 01 РТ | 4125 |
| 38 | | ГАЗ-2752 «Соболь» | 2000 | 016 КН 01 | 14040 |
| 39 | | НИСАН | 1990 | 44-38 А 01 РТ | 4938 |
| 40 | | НИСАН | 1992 | 44-40 А 01 РТ | 4938 |
| 41 | | КАМАЗ-53212 | 1999 | 109 ТС 01 | 25773 |
| 42 | | КРАЗ-253 | 1996 | 118 ТС 01 | 15000 |

Прием заявок на участие в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44. Место проведения: **город Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-49-87, город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84, город Куляб, улица И.Сомони 35, тел: 2-41-14.**

Метод проведения: **английский.**

Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Гарантийный взнос для участия в аукционе равен 15 показателям для расчетов за один лот и принимается наличными в кассу ГУП по ОПГИ или безналичными на р/счет ГУП по ОПГИ. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5 % от цены продажи, который не включается в цену продажи лота.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-49-87, 221-73-74**, **город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84, город Куляб, улица И.Сомони 35, тел: 2-41-14,** а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyda-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**

**БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ**

### БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН !

# Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| т/р | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2895/1-1339 | Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгуй | 38 | 07.11.2012 соати $9^{00}$ |
| 2896/1-1340 | Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломии кормандони тибби Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Молҳои техникӣ | номгуй | 6 | 29.10.2012 соати $9^{00}$ |
| 2897/1-1341 | Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ -92 | сомонӣ | 9450 | 29.10.2012 соати $9^{30}$ |
| 2898/1-1342 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Доруворӣ | номгуй | 85 | 29.10.2012 соати $10^{00}$ |
| 2899/1-1343 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Молҳои техникӣ | номгуй | 8 | 29.10.2012 соати $10^{30}$ |
| 2900/1-1344 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Мебел | номгуй | 5 | 29.10.2012 соати $11^{00}$ |
| 2901/1-1345 | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Қисмҳои эҳтиётӣ | номгӯй | 25 | 29.10.2012 соати $11^{30}$ |
| 2902/1-1346 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон» | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Маводи хӯрока | номгуй | 11 | 29.10.2012 соати $14^{00}$ |
| 2903/1-1347 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон» | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгуй | 16 | 29.10.2012 соати $14^{30}$ |
| 2904/1-1348 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон» | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Рахти хобравӣ | маҷмӯъ | 200 | 29.10.2012 соати $15^{00}$ |
| 2905/1-1349 | Раёсати ақибгоҳ ва лавозимоти ҷангӣ, нақлиёт, техника ва хоҷагии ёрирасони «Наҷот»-и Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Маводи хӯрока | номгуй | 5 | 29.10.2012 соати $15^{20}$ |
| 2906/1-1350 | Раёсати ақибгоҳ ва лавозимоти ҷангӣ, нақлиёт, техника ва хоҷагии ёрирасони «Наҷот»-и Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-92 ва равғанҳои молиданӣ | номгуй | 8 | 29.10.2012 соати $15^{40}$ |
| 2907/1-1351 | Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Қисмҳои эҳтиётӣ | номгуй | 8 | 29.10.2012 соати $16^{00}$ |
| 2908/1-1352 | Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Қисмҳои эҳтиётӣ | номгуй | 70 | 29.10.2012. соати $16^{20}$ |
| 2909/1-1353 | Муассисаи нақлиётии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Қисмҳои эҳтиётӣ | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 29.10.52012 соати $16^{40}$ |
| 2910/1-1354 | Муассисаи давлатии «Телевизиони кӯдакону наврасон - Баҳористон» | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Таҷҳизот, техника ва инвентар | номгуй | 11 | 07.11.2012 соати $9^{30}$ |
| 2911/2-814 | Беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои рӯҳии ноҳияи Рӯдакӣ | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгуй | 16 | 07.11.2012 соати $9^{00}$ |
| 2912/2-815 | Ҷамоати шаҳраки Ҳисори ноҳияи Ҳисор | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгуй | 15 | 29.10.2012 соати $9^{00}$ |
| 2913/3-692 | Хадамоти давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи энергетикаи Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири асосии утоқҳои корӣ ва биноҳои маъмурӣ-хоҷагидорӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 07.11.2012 соати $9^{00}$ |
| 2914/3-693 | Кумитаи марказии Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бино | тибқи санади нуқсонӣ | | 29.10.2012 соати $9^{00}$ |
| 2915/3-694 | Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири хобгоҳи «Камонгарон-3» | тибқи санади нуқсонӣ | | 07.11.2012 соати $9^{30}$ |
| 2916/3-695 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири асосии ошёнаи 1-уми бинои таълимии№8 | тибқи санади нуқсонӣ | | 07.11.2012 соати $10^{00}$ |
| 2917/3-696 | Раёсати сохтмони асосии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Сохтмони бинои дастаи таъиноти махсуси милитсияи вилояти Хатлон | тибқи санади нуқсонӣ | | 07.11.2012 соати $10^{30}$ |
| 2918/3-697 | Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Шакл ва варақаҳои гуногун | номгуй | 6 | 29.10.2012 соати $9^{30}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

➢Шаҳодатномаи хатми синфи нуҳуми силсилаи Т-ШТА, №0873617-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 3-и ноҳияи Ҳисор соли 2012 ба Раҷабов Фируз Қутбиддинович додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ 0130056025 -и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2012 ба Ниматов Манучеҳр Ҷалолович додааст, эътибор надорад.

➢Шартномаи хариду фурӯши тахти феҳристи №1Ш-487-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Мушфиқӣ 83, ҳуҷраи 3ᵃ-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 28 феврали соли 2012 ба Назарова Дилором Исматуллоевна додааст, эътибор надорад.

➢Сертификати ААИ силсилаи АВС, №000959-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Тавилдара 4 июли соли 2005 ба КММ «Бедак» додааст, эътибор надорад.

➢Дипломи ДТК №0046470-и гумшуда, ки онро Коллеҷи кӯҳии ба номи С.Юсуповаи шаҳри Душанбе соли 2010 ба Худоёров Эраҷ Нассулоевич додааст, эътибор надорад.

➢Номаи камоли АБ №083048-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №15-и ноҳияи Кӯлоб, Ҷамоати деҳоти Зиракӣ 15 июни соли 1990 ба Олимова Дилбар Давлатовна додааст, эътибор надорад.

➢Патенти №0087096 бо РЯМ 0930026048-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 17 майи соли 2010 ба Исматов Нусратулло додааст, эътибор надорад.

➢Патенти №0027994 бо РЯМ 0930008045-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 22 январи соли 2010 ба Ниёзов Юлдошмурод додааст, эътибор надорад.

➢Номаи камоли №А 113863-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи №18-и ноҳияи Нуробод соли 1988 ба Абдуллоева Давлатпочо Абдусамадовна додааст, эътибор надорад.

➢Дафтарчаи имтиҳонии №Е 138/07-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ соли 2007 ба Алиев Далер Дилшодович додааст, эътибор надорад.

➢Дипломи ШВ № 684787-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон соли 1996 ба Муҳаммадиев Алидарвоз Маҳмадалиевич додааст, эътибор надорад.

➢Шиносномаи техникии №9-и гумшуда, ки онро КФБТ-и ноҳияи Шаҳритус бо суроғаи ноҳияи Қубодиёни Ҷамоати деҳоти Янги-Йӯли деҳаи Доккӣ 7 сентябри соли 2012 ба Мамадиев Гулбой додааст, эътибор надорад.

➢Шиносномаи техникии №02-и гумшуда, ки онро КФБТ-и ноҳияи Шаҳритус бо суроғаи ноҳияи Шаҳритус, Ҷамоати деҳоти Х. Холматови деҳаи Ленинобод 5 феврали 2007 ба Қаюмова Мавжуда додааст, эътибор надорад.

➢Номаи камоли Т-ШТУ № 0429023-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 9-и шаҳри Норак соли 2011 ба Шарипова Фариштамоҳ Дустмуродовна додааст, эътибор надорад.

➢Маълумотнома ба ҷойи диплом бо силсилаи АБ №2513-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур соли 2000 ба Алладӯстов Баҳром Абдуҷалилович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

➢Шаҳрванд Файзалиева Бибизулайхо, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0055168 бо РЯМ 0130018213 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 9 апрели соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Исмоилов Файзалӣ, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0046178 бо РМА 155041295 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 23 январи соли 2007 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Саидова Маҳбуба, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0097219 бо РМА 155128199 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 13 июли соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Ҳалимов Сайфиддин, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0000155 бо РМА 155001884 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 10 июли соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Салимов Мансур, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0097344 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 2 сентябри соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Сафаров Давлаталӣ, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0148957 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 20 сентябри соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Эшонов Раҷаб, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0148832 бо РЯМ 1530011313 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 4 майи соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Қурбонова Шарифамоҳ, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0148790 бо РЯМ 1530010919 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 30 марти соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Мирзоев Равшан, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0210144 бо РЯМ 1530014145 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 20 июни соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Тағойназаров Авазхон Муродалиевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0198041 бо РЯМ 0430093474 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 7 сентябри соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои МАРДУМ

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 17 октябри соли 2012, соати 9.30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23658 нусха

Навбатдори шумора Неккадамов Т.

Тарроҳи компютерӣ Нигина Исмоилова